# 2025



# ПУРСИШИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ТОҶИКИСТОН

## ҲИСОБОТИ ЗАМИНАВӢ

Ҳисоботи заминавӣ барои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» омода карда шудааст.

Шартнома № MOES/LEARN/CQS/2023-02[1]

**Иҷрокунанда:**
Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Таҳлил ва машварат». Пурсиши истифодабарандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон, Ҳисоботи заминавӣ шаҳри Душанбе, соли 2025.

**Маълумот барои тамос:**
**Абдуазиз Қосимов, Директор**
Суроға: кӯчаи Пӯлодӣ 28 (ошёнаи 2, ҳуҷраи №7), шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734013
Телефон барои тамос: (+992) 93 572 10 08 / 93 572 10 04
Почтаи электронӣ: abduaziz.kasymov@z-analytics.tj | research@z-analytics.tj

[1] Тамоми ҳуқуқҳо барои интишори ҳисобот ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд.

© Нусхабардории ин ҳисобот ё қисмҳои он бе ризоияти пешакии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъиян манъ аст.

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ЛОИҲАИ «МУҲИТИ ТАЪЛИМ – АСОСИ ТАҲСИЛОТИ БОСИФАТ»**

Грант №: **IDA/E1560**

Шартнома №: **MOES/LEARN/CQS/2023-02**

Хизматрасониҳои машваратӣ оид ба ташкил ва гузаронидани пурсиши истифодабарандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон

# ҲИСОБОТИ ЗАМИНАВӢ

| | |
|---|---|
| Фармоишгар: | **Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон** |
| Мушовир: | **ҶДММ «Таҳлил ва машварат»** |
| Санаи пешниҳод: | **Июн, 2025** |

**Душанбе – 2025**

# МУНДАРИЧА

РӮЙХАТИ ДИАГРАММАҲО ........ 5
РӮЙХАТИ РАСМҲО ........ 7
РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ ........ 8
СИПОСГУЗОРӢ ........ 9
МАЪЛУМОТИ МУФАССАЛ ........ 10
МАЪЛУМОТИ ИБТИДОӢ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ ПУРСИШИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ТОҶИКИСТОН ........ 13
МЕТОДОЛОГИЯИ ПУРСИШ ........ 16
1. Ҳадафи пурсиш ........ 16
2. Вазифаҳои пурсиш ........ 16
3. Механизми пурсиш ........ 17
4. Таҳияи интихобнома ........ 18
5. Воситаҳо (саволномаҳо) ........ 20
САНҶИШИ ОЗМОИШИИ ВОСИТАҲОИ ПИМ СҲИР ........ 23
МАҲДУДИЯТ ВА РОҲҲОИ КОҲИШ ДОДАНИ ТАЪСИРИ ОН ........ 25
НАТИҶАҲО ВА БОЗЁФТҲО ........ 27
ДАР БОРАИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ ВА ТАШКИЛИ ОН ........ 27
ФАЗОЕ, КИ ШУМО ИСТИФОДА МЕБАРЕД ........ 32
Таҳлили тағйирёбандаҳо ........ 37
ТАШКИЛИ ҶОЙ ........ 43
Таҳлили тағйирёбандаҳо ........ 46
ШАРОИТИ МУСОИД ........ **Ошибка! Закладка не определена.**
Таҳлили тағйирёбандаҳо ........ 52
ТЕХНОЛОГИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ ........ 57
Таҳлили тағйирёбандаҳо ........ 60
БЕХАТАРИИ ФИЗИКӢ, ЭМОТСИОНАЛӢ ВА НЕКУАҲВОЛӢ ........ 66
Таҳлили тағйирёбандаҳо ........ 67
ҚАНОАТМАНДИИ УМУМӢ ........ 70
ТАВСИЯҲО ВА ХУЛОСАҲО ........ 73
ТАВСИЯҲО ........ 73
ХУЛОСАҲО ........ 78
Рӯйхати адабиёти истифодашуда ........ 79
ЗАМИМАҲО ........ 80
ЗАМИМАИ 1. ИНТИХОБНОМАИ МУФАССАЛИ ПУРСИШ ........ 80
ЗАМИМАИ 2. САВОЛНОМАҲОИ ПУРСИШ ........ 85
Саволнома барои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти умумӣ ........ 85
Саволнома барои омӯзгорон ........ 90
Саволнома барои хонандагон ........ 103

## РӮЙХАТИ ДИАГРАММАҲО

**Диаграммаи 1. Мавқеи ҷойгиршавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ** ......28
**Диаграммаи 2. Сарчашмаи маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ** ......28
**Диаграммаи 3. Синну соли омӯзгорон** ......28
**Диаграммаи 4. Машғулият** ......28
**Диаграммаи 5. Шумораи ҷории хонандагон аз рӯи синфҳо** ......29
**Диаграммаи 6. Муҳити физикии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ** ......29
**Диаграммаи 7. Тақсими синфхонаҳо** ......30
**Диаграммаи 8. Роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва муҳити таълим** ......31
**Диаграммаи 9. Таъсири бино ва иншооти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ** ......32
**Диаграммаи 10. Истифодаи синфхонаҳо** ......32
**Диаграммаи 11. Омӯзгорон дар синфхона** ......32
**Диаграммаи 12. Мавҷудияти ҷойҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ** ......33
**Диаграммаи 13. Давомнокии истифодабарии фазои муассисаи таълимӣ аз ҷониби омӯзгорон** ......34
**Диаграммаи 14. Давомнокии истифодабарии фазои муассисаи таълимӣ аз ҷониби хонандагон** ......34
**Диаграммаи 15. Мавҷудияти ҷойҳои беруна дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ** ......35
**Диаграммаи 16. Фосилаи истифодаи фазои беруна, ки бевосита аз синфхона дастрас аст** ......35
**Диаграммаи 17. Фосилаи истифодаи ҷойҳои беруна, ки бевосита аз синфхона дастрас нестанд** ......36
**Диаграммаи 18. Қаноатмандии омӯзгорон аз таъмини…** ......36
**Диаграммаи 19. Мавҷудияти ҷойҳо барои оромона кор кардан дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ** ......37
**Диаграммаи 20. Омилҳои асосии хонандагон дар синфхона** ......37
**Диаграммаи 21. Муқоисаи истифодаи ҷойҳои омӯзишӣ** ......38
**Диаграммаи 22. Мавҷудияти ҷойҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ аз нигоҳи хонандагон** ......38
**Диаграммаи 23. Истифодабарии фазои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҳафтаи охир** ......39
**Диаграммаи 24. Мавҷудияти ҷойҳои беруна дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ** ......40
**Диаграммаи 25. Мавҷудияти ҷойҳои беруна аз рӯи андозаи муассисаи таълимӣ** ......41
**Диаграммаи 26. Қаноатмандии омӯзгорон аз ҷойҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ** ......41
**Диаграммаи 27. Омилҳои асосии омӯзиш барои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ** ......42
**Диаграммаи 28. Омилҳои асосии омӯзиш барои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ аз рӯи ҷинс** ......42
**Диаграммаи 29. Омилҳои асосии омӯзиши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ аз рӯи синфҳо** ......43
**Диаграммаи 30. Навъи усулҳои таълим ва услубҳои омӯзиш** ......44
**Диаграммаи 31. Ҷойгиркунии мизу курсӣ** ......44
**Диаграммаи 32. Имконияти интиқоли мебел** ......45
**Диаграммаи 33. Фосилаи азнавсозии мебел** ......45
**Диаграммаи 34. Навъи усулҳои таълим ва услубҳои омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ** ......46
**Диаграммаи 35. Навъи усулҳои таълим ва услубҳои омӯзиш аз рӯи синфҳо** ......47
**Диаграммаи 36. Ҷо ба ҷогузории мебел аз ҷониби хонандагон** ......47
**Диаграммаи 37. Имконияти ҷо ба ҷогузории мизу курсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ** ......48

**Диаграммаи 38. Имконияти ҷо ба ҷогузории мизу курсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз рӯи ҷинс**......48
**Диаграммаи 39. Ҳарорат дар синфхона дар фасли зимистон**......49
**Диаграммаи 40. Ҳарорат дар синфхона дар фасли тобистон**......49
**Диаграммаи 41. Ҷойҳои паноҳгоҳ берун аз бинои таълимӣ дар ҳудуди муассиса**......50
**Диаграммаи 42. Сифати равшанӣ дар синфхонаҳо**......50
**Диаграммаи 43. Сифати ҳаво дар синфхонаҳо**......50
**Диаграммаи 44. Назорати ҳарорат дар синфхонаҳо**......51
**Диаграммаи 45. Дарки акустикӣ дар синфхонаҳо**......51
**Диаграммаи 46. Сатҳи намоёнӣ дар синфхона**......52
**Диаграммаи 47. Бароҳатии курсиҳо ва мизҳо**......52
**Диаграммаи 48. Ҳарорати синфхона дар фасли зимистон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ**......53
**Диаграммаи 49. Ҳарорати синфхона дар фасли зимистон вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ**......53
**Диаграммаи 50. Ҳарорати синфхона дар фасли тобистон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ**......53
**Диаграммаи 51. Ҳарорати синфхона дар фасли тобистон вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ**......54
**Диаграммаи 52. Сифати равшанӣ дар синфхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ**......54
**Диаграммаи 53. Сифати равшанӣ дар синфхонаҳо вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ**......55
**Диаграммаи 54. Сифати ҳаво дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ**......55
**Диаграммаи 55. Сифати ҳаво вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ**......56
**Диаграммаи 56. Бароҳатии курсиҳо/мизҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ**......56
**Диаграммаи 57. Бароҳатии курсиҳо/мизҳо вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ**......57
**Диаграммаи 58. Мавҷудияти технологияҳо**......58
**Диаграммаи 59. Басомади истифодаи технология**......58
**Диаграммаи 60. Давомнокии истифодаи технологияҳо барои иҷрои вазифаҳо**......59
**Диаграммаи 61. Мавҷудияти технологияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ**......60
**Диаграммаи 62. Мавҷудияти технологияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ**......61
**Диаграммаи 63. Давомнокии истифодаи технологияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ**......62
**Диаграммаи 64. Давомнокии истифодаи технология барои иҷрои супоришҳои таълимӣ**......63
**Диаграммаи 65. Басомади истифодаи технология барои иҷрои супоришҳои таълимӣ, аз рӯи ҷинс**......64
**Диаграммаи 66. Басомади истифодаи технология барои иҷрои супоришҳои таълимӣ, аз рӯи синфҳо**......65
**Диаграммаи 67. Бехатарӣ дар муассисаи таълимӣ**......66
**Диаграммаи 68. Мавҷудияти ҷой барои гузоштани ашёҳои шахсии хонандагон**......66
**Диаграммаи 69. Мавҷудияти ҷой барои истироҳати омӯзгорон**......66
**Диаграммаи 70. Бехатарии омӯзгорон дар давом ва пас аз дарс**......67
**Диаграммаи 71. Бехатарии хонандагон дар мавзеъҳои муассисаи таълимӣ**......67
**Диаграммаи 72. Бехатарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ**......68
**Диаграммаи 73. Мавҷудияти ҷой барои гузоштани ашёҳои шахсии хонандагон**......68
**Диаграммаи 74. Мавҷудияти ҷой барои истироҳати омӯзгорон**......68

**Диаграммаи 75. Бехатарии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ** ........69
**Диаграммаи 76. Бехатарии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ, аз рӯи ҷинс**........69
**Диаграммаи 77. Сатҳи қаноатмандии ҷойҳои омӯзишӣ**........70
**Диаграммаи 78. Сатҳи қаноатмандии хонандагон ва омӯзгорон аз рӯи ҷинс**........71
**Диаграммаи 79. Сатҳи қаноатмандии хонандагон вобаста ба синфҳо** ........71
**Диаграммаи 80. Сатҳи қаноатмандии хонандагон вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ**.......72

## РӮЙХАТИ РАСМҲО

Расми 1. Самтҳои асосии таваҷҷӯҳи пурсиш........17
Расми 2. Сохтори пурсишнома ........21
Расми 3. Намунаҳои саволномаҳо дар планшет........24
Расми 4. Навъҳои усулҳои таълим ва услубҳои омӯзиш мутобиқи СҲИР........43
Расми 5. Чаҳорчӯбаи МФТ-и RIGHT+: 6 омил ........73
Расми 6. Хусусиятҳои МФТ-и RIGHT+ ........73

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| **АНдСМИ** | Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **БУ** | Бонки умумиҷаҳонӣ |
| **ВМИ** | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Лоиҳаи LEARN** | Лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» |
| **Мушовир** | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Таҳлил ва машварат» |
| **МТЛ** | Маркази татбиқи лоиҳа |
| **НТҶ** | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| **ПИМ** | Пурсиши истифодабарандагони мактаб |
| **СҲИР** | Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд |
| **ҲҶТ** | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ҶДММ** | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд |
| **ҶТ** | Ҷумҳурии Тоҷикистон |

# СИПОСГУЗОРӢ

Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Таҳлил ва Машварат» (Мушовир) ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гурӯҳи идоракунии лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» (лоиҳаи LEARN) ҷиҳати ҳамкории судманд дар таҳияи методологияи ин пурсиш, инчунин ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамкорӣ ва дастгирии онҳо дар раванди пурсиш изҳори сипос менамояд. Мушовир, ҳамзамон ба Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саҳми арзанда миннатдории хешро иброз медорад.

Мушовир ба роҳбарият ва кормандони лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат», аз ҷумла ба **Бадриддин Музаффарзода (муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори лоиҳа), Асрор Алиев (сармутахассис оид ба таҳсилот), Умедҷон Иноятов (сармутахассис оид ба арзёбӣ), Савриозод Ёғибекова (мутахассис оид ба мониторинг ва арзёбӣ)** ва **Вайсиддин Абдулмаҷитзода (мутахассис оид ба таҳсилот)** барои роҳнамоӣ, саҳми назаррас дар таҳияи методологияи пурсиш ва дастгирии ҳамаҷониба дар тамоми чараёни пурсиш арзи сипос менамояд.

Илова бар ин, Мушовир миннатдории худро ба **Ҷули Велиссарату** (коршинос/мушовири байналмилалии лоиҳа), ки вобаста ба таҳияи саволномаҳои пурсиш ва ҳисоботи ҷорӣ машварат ва роҳнамоӣ додааст, мерасонад. Таҷриба ва роҳнамоии ӯ ҳангоми таҳияи методологияи пурсиш, таъмини муҳимият ва сифати он нақши муҳим бозид.

**Иҷрокунандагони пурсиш**

| | |
|---|---|
| Гулнора Бекназарова | Роҳбари гурӯҳи таҳқиқотчиён/ҳамоҳангсоз |
| Абдуазиз Касимов | Таҳлилгар-оморшинос |
| Абдуҳалим Мирзоев | Менеҷер оид ба корҳои саҳроӣ / Ёрдамчии ҳамоҳангсоз |
| Фозил Шарипов | Менеҷери коркарди маълумотҳо |
| Гулрафтор Ҷонмаҳмадова | Мутахассиси илмӣ-методӣ |
| Ҷули Велисарату | Мушовири байналмилалӣ |
| Таннозъ Шарифова | Мушовир/таҳлилгар |
| Тимур Назаров | Мушовир/таҳлилгар |

**Муаллифони ҳисобот**

Ҷули Велиссарату

Тимур Назаров

Танноз Шарифова

# МАЪЛУМОТИ МУФАССАЛ

Пурсиши истифодабарандагони муассисаи таҳсилоти умумӣ (минбаъд – ПИМ) дар доираи лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» дар Тоҷикистон гузаронида шудааст, ки арзёбии ҳамаҷонибаи муҳити таълимро дар 65 муассисаи таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 65 муассисаи таҳсилоти умумӣ назоратӣ дар чаҳор минтақаи Тоҷикистон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (минбаъд – ВМКБ), вилоятҳои Хатлону Суғд, ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (минбаъд – НТҶ) таъмин менамояд.

Воситаи Пурсиши истифодабарандагони муассисаи таҳсилоти умумӣ, ки аз тарафи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (ПИМ СҲИР) таҳия шудааст, барои хонандагони синфҳои 7-11, омӯзгорон ва роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷиҳати арзёбии муҳити физикӣ, иҷтимоӣ ва педагогӣ, ки натиҷаҳои ниҳоии таълимро ташаккул медиҳанд, равона карда шудааст. Ҷамъоварии маълумот дар доираи ПИМ аз 11 март то 26 апрели соли 2025 гузаронида шуд. Дар маҷмӯъ, дар пурсиш 130 директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 2698 омӯзгор ва 6984 хонандагони синфҳои 7-11 иштирок намуданд.

Аксарияти муассисаҳои таҳсилоти умумии пурсишшуда (92%) дар минтақаи деҳот ҷойгир шуда, ин муассисаҳо (92%) аз ҷониби ҳукумати ҷумҳурӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Дар байни омӯзгорони пурсидашуда 53% занҳо буданд. Аксарияти омӯзгорон (86%) бо реҷаи рӯзи кории пурра фаъолият мекарданд ва ба ҳисоби миёна таҷрибаи кории 10 сола доштанд. Пурсиш, инчунин шумораи зиёди хонандагонро дар бар гирифт, ки таносуби ҷинсӣ дар байни онҳо тақрибан баробар буд.

Тақрибан 60 нафар хонанда дар синфҳои аз 7 то 9 таҳсил мекунанд, ки дар онҳо шумораи хонандагони писару духтар нисбатан баробар аст. Дар муқоиса, шумораи хонандагон дар синфҳои болоӣ камтар мебошад, яъне дар синфи 10 — 45 нафар ва дар синфи 11 — 34 нафар. Ин коҳиш нишон медиҳад, ки пас аз хатми синфи 9 хонандагон таҳсилро дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ё миёнаи касбӣ идома медиҳанд.

Дар доираи ПИМ, инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ низ арзёбӣ карда шуданд. Натиҷаи мусбат ин аст, ки ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дастрасии доимӣ ба нерӯи барқ доранд, ҳарчанд 80%-и онҳо роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар бораи маҳдудиятҳои (лимит) қувваи барқ маълумот доданд. Дар аксарияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (75%) компютери фардӣ ва ё мизи корӣ барои ҳадафҳои педагогӣ истифода мешаванд, аммо дастрасии маҳдуд ба Интернет барои мақсадҳои таълим дида мешуд. Қисми зиёди муассисаҳои таълимӣ ба иншооти асосии об, санитария ва гигиена (WASH) дастрасӣ доштанд, аммо дастрасии хонандагони дорои маъюбият ба иншоотҳо хеле дар сатҳи паст буд (ҳамагӣ дар 17% муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба чунин иншоотҳо дастрасӣ доштанд).

Муҳитҳои анъанавии синфхона ва методҳои таълимӣ бартарӣ доштанд. Омӯзгорон аз истифодаи маҳдуди фазоҳои таълимии муштарак ва набудани иншооти махсус маълумот доданд. Омӯзгорон пурра дар бораи роҳбарияти муассисаи таълимӣ андешаи мусбӣ доштанд, вале ҷиҳати мувофиқ будани биноҳои муассисаи таълимӣ барои таълим изҳори нигаронӣ карданд.

Маълумоти дастрасгардидаи пурсиш якчанд самтҳои муҳимеро муайян кард, ки ҳалли он ба беҳтаркунии муҳити мусоидкунандаи таълим оварда мерасонад. Шароити номуносиби ҳарорат яке аз мушкилиҳои паҳншуда буд, яъне 44% омӯзгорон ва 40%

хонандагон дар фасли зимистон аксарияти вақт хунукиро ҳис мекарданд. Илова бар ин, 37% омӯзгорон ва 31% хонандагон маълумот доданд, ки дар тобистон бештар гармиро эҳсос мекунанд. Ғайр аз ин, 74% хонандагон ҳангоми бориши борон ба паноҳгоҳи берунаи бомдошта дастрасӣ надоранд. Гарчанде ки иштироккунандагони пурсиш дар умум оиди масъалаҳои равшанӣ ва мавҷудияти бӯй қаноатмандии худро баён карданд (танҳо каме бештар аз 10% иштироккунандон синфхонаҳоро хеле торик мешуморанд, ҳиссаи ками хонандагон (15%) ва омӯзгорон (14%) оиди бӯи нохуш маълумот доданд), аммо назорат аз болои шароити нигоҳдории синфхонаҳо маҳдуд аст (76% омӯзгорон имконияти назорати гардиши ҳаворо надоранд). Садои беруна яке аз омилҳои халалдоркунандаи ҷиддӣ ба ҳисоб меравад, ки ба 73% хонандагон ва 66% омӯзгорони бештари синфҳо таъсир мерасонад. Инчунин, 63% омӯзгорон аз садоҳои дохилии синфхона парешон мешаванд. Дастрасии визуалӣ ба воситаҳои таълимӣ низ омили нигаронкунанда аст, чунки камтар аз нисфи хонандагон (48%) тахтаи синфро хуб дида метавонанд ва 83% хонандагон ба проекторҳо дастрасӣ надоранд. Дар охир, шароити номуносиби ҷойи нишаст ва набудани имконияти мутобиқсозии курсиву миз низ мушкилоти ҷиддӣ ба шумор мераванд, чунки 33% хонандагон курсиро нороҳат мешуморанд ва тақрибан нисфи хонандагон (48%) наметавонанд тарзи ҷойгиршавии курсиву мизҳои худро иваз кунанд. Ҳалли ин масъалаҳо, бахусус шароити номуносиби ҳарорат, паст кардани садо ва дастрасӣ ба таҷҳизотҳои муҳими таълимӣ ҷиҳати баланд бардоштани саломатии хонандагон ва муваффақияти таълимии онҳо ниҳоят муҳим аст.

Маълумоти ҷамъкардашуда, инчунин мушкилоти ҷиддиро оиди дастрасӣ ва истифодабарии технологияҳои муосир ҳангоми ҷараёни таълим нишон медиҳад, ки он дар оянда ба омӯзиш ва рушди хонандагон таъсири манфӣ мерасонанд. Қайд кардан зарур аст, ки 75% омӯзгорон аз нарасидани тахтаҳои интерактивӣ ё экран, 81% норасоии проекторҳо, 80% норасоии ноутбукҳо, 70% норасоии компютерҳои фардӣ ва 90% норасоии планшетҳо маълумот доданд. Дастрасӣ ба Интернет низ хеле маҳдуд аст, яъне 85% омӯзгорон дар бораи надоштани Интернети бесим ва 87% дар бораи надоштани Интернети кабелӣ маълумот доданд. Натиҷаи хуб аст, ки 50% омӯзгорон дар бораи мавҷудияти нуқтаҳои пуркунандаи барқ (розетка) барои дастгоҳҳои электрикӣ қайд карданд.

Бо вуҷуди ин, дар он муассисаҳои таълимие, ки технологияҳои муосир мавҷуданд, истифодаи мунтазами онҳо аз ҷониби омӯзгорон дар дараҷаи хеле паст қарор дорад. Натиҷаҳои пурсиш нишон доданд, ки танҳо 24% омӯзгорон аз тахтаи интерактивӣ ё экранҳои мавҷуда ҳадди аққал як маротиба дар як ҳафта истифода мебаранд, 22% омӯзгорон аз проектор як маротиба дар як ҳафта истифода мебаранд ва 28% омӯзгорон компютерҳои фардиро дар фаъолиятҳои таълимии худ ҳадди аққал як маротиба дар як ҳафта истифода мекунанд.

Илова бар ин, иштироки хонандагон дар истифодабарии технология ҳангоми таълими муштарак хеле кам дида мешавад, танҳо 21% хонандагон ва 29% омӯзгорон ҳангоми рӯнамоҳо (презентатсияҳо) ё ҳисоботҳо аз технология истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, технология бештар барои иҷрои вазифаҳои хонагӣ истифода мешавад, 46% хонандагон дар бораи истифодаи он ва 46% дигар барои иҷрои супоришҳои амалӣ вобаста рушди малакаҳо маълумот доданд. Инчунин, 81% хонандагон онро барои ҳамкорӣ бо хонандагони муассисаҳои таълимии дигар ва 92% бо хонандагони кишварҳои дигар хеле кам ва ё умуман истифода намебаранд. Ин натиҷаҳо зарурати фаврии беҳтар намудани

ҳамгироии самараноки технологияҳои муосирро барои дастгирии таҳсилоти хонандагон ва рушди устувор таъкид мекунанд.

Ҳисобот тавсияҳои амалишавандаро бо истифода аз чаҳорчӯбаи RIGHT+ (устуворӣ, фарогирӣ, сабз, солим, мусоидкунанда ба таълиму омӯзиш, татбиқи муассир), пешниҳод мекунад. Тавсияҳо дар чаҳорчӯбаи RIGHT+ як харитаи роҳро барои Вазорати маориф ва илм ҷиҳати фароҳам овардани муҳити устувор, фарогир ва муосири таълим таъмин намуда, лоиҳаи “LEARN”-ро барои беҳтарнамоии натиҷаҳои ниҳоии таълим ва баробарӣ дар саросари Тоҷикистон истифода мебаранд. Тавсияи муфассалро дар охири ин ҳисобот пайдо карда метавонед

# МАЪЛУМОТИ ИБТИДОӢ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ ПУРСИШИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ТОҶИКИСТОН

**Маълумоти мухтасар дар бораи вазъи соҳаи маориф**

Соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба пешравиҳои назаррас ноил гардидааст, вале то ҳол мушкилотҳои ҷиддӣ боқӣ мондаанд ба монанди...... Сатҳи фарогирӣ ба зинаи таҳсилоти умумӣ баланд аст, вале натиҷаҳои ниҳоии омӯзиш дар дараҷаи паст боқӣ мемонад. Масалан, аз рӯи натиҷаҳои ҳисоботи Бонки умумиҷаҳонӣ дар соли 2019 фарогирӣ ба зинаи таҳсилоти умумӣ 97%-ро ташкил додааст. Бо вуҷуди ин, солҳои охир таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ба 6,8 сол коҳиш ёфт, ки ин норасоии таҳсилро баробари 4,1 сол нишон медиҳад.

Илова ба ин, соҳа бо мушкилоте рӯ ба рӯ аст, ба монанди аз меъёр зиёд пур шудани хонандагони синфҳо, инфрасохтори нокифоя ва норасоии маводи муосири таълимӣ. Дар солҳои 2018-2019 88% хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ду баст ва 5% дар се баст таҳсил мекарданд. Ғайр аз ин, танҳо 55% хонандагони синфи 2 дар як дақиқа 40 калимаи тоҷикиро хонда метавонистанд, ки ин нишондиҳанда дар синфи 4 то 41% поин рафт.

**Аҳамияти маълумотҳои ба истифодабарандагон равонашуда**

Механизмҳои анъанавии мониторинг аксар вақт ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ такя карда, он таҷрибаи сифатии хонандагон, падару модарон ва омӯзгоронро ба назар намегирад. Пурсиши истифодабарандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мумкин аст, ки ин норасоиҳоро тавассути ҷамъоварии маълумот оиди андеша, сатҳи қаноатмандӣ ва ниёзҳои қонеънашудаи бевоситаи ҷонибҳои манфиатдор бартараф кунад. Ин усул бо таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ мувофиқат мекунанд ва он аҳамияти фикру мулоҳизаҳои истифодабарандагонро дар таҳияи сиёсат ва тадбирҳои самараноки таълимӣ ба инобат мегирад.

**Донорҳо ва афзалиятҳои ислоҳот**

Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ, ба монанди Бонки умумиҷаҳонӣ ва ЮНИСЕФ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот дар ислоҳоти ҳамаҷониба фаъолона машғул аст. Гранти назаррас дар ҳаҷми 50 миллион доллари ИМА аз тарафи Бонки умумиҷаҳонӣ барои лоиҳаи “Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат” дар Тоҷикистон бевосита ба беҳтар кардани натиҷаҳои ниҳоии таълим ва омӯзиш, навсозии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва таҳкими иқтидор ҷиҳати арзёбии таълим равона шудааст. Ҳамзамон, ЮНИСЕФ барои ноил шудан ба пайвастшавии ҳамаҷонибаи соҳаи маориф ба Интернет кушиш дорад ва ин як иқдоми муҳим мебошад, чунки дар соли хониши 2022-2023 аз 3967 мактаби Тоҷикистон танҳо 16%-и онҳо ба Интернет дастрасӣ доштанд. Ғайр аз инфрасохтор, ташаббусҳои васеътари ЮНИСЕФ ба беҳтарнамоии дастрасӣ ба таҳсилот, бахусус барои гурӯҳҳои дар канормонда ва баланд бардоштани сифати таълим тавассути сиёсат ва банақшагирии ба далелҳо асосёфта диққат медиҳад. Бонки умумиҷаҳонӣ, инчунин ин кушишҳоро тавассути маблағгузории лоиҳаҳое, ки инфрасохтори маорифро навсозӣ мекунанд ва низомҳои миллии арзёбиро барои назорати натиҷаҳои ниҳоии омӯзиш таҳия менамоянд, пурра мекунад.

**Ҷанбаҳои фарҳангӣ ва амалӣ**

Гузаронидани Пурсиши истифодабарандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии дар Тоҷикистон ба меъёрҳои фарҳангӣ ва мушкилоти амалӣ ҳассосиятро талаб мекунад. Гуногунии забонҳо (забони тоҷикӣ ҳамчун забони расмии коргузорӣ мебошад ва забони русӣ ҳам ҳамчун забони васеъ истифодашаванда маъмул аст) тарҷума ва мутобиқсозии воситаҳои пурсишро талаб мекунад. Илова бар ин, сатҳҳои гуногуни саводнокӣ миёни падару модарон, махсусан дар минтақаҳои деҳот, метавонад зарурати гузаронидани шифоҳии пурсишҳо ё истифодаи воситаҳои айёниро барои таъмини фарогирӣ ба миён орад.

**Аҳамияти пурсиш ва афзалиятҳо**

Гузаронидани ПИМ дар Тоҷикистон як қатор манфиатҳоро пешкаш мекунад:

- **Қабули қарорҳои асосёфта:** Ба сиёсатгузорон хулосаҳои ба маълумот асосёфтаро барои тарҳрезии тадбирҳои мақсаднок таъмин мекунад.
- **Баланд бардоштани масъулиятнокӣ:** Имкониятҳои иттиҳодияҳои муассисаҳои таълимиро тавассути додани имконият барои изҳори назар дар вақти арзёбии хидматрасониҳои таълимӣ васеъ менамояд.
- **Натиҷаҳои ниҳоии такмилёфтаи омӯзиш:** Самтҳоро барои беҳтарнамоӣ муайян мекунад, ки ба таҷрибаи беҳтари таълимӣ барои хонандагон оварда мерасонад.
- **Тақсимоти захираҳо:** Дар муайян кардани соҳаҳои афзалиятнок, ки таваҷҷӯҳи фаврӣ ва сармоягузориро талаб мекунанд, мусоидат мекунад.

**Маълумот дар бораи лоиҳаи LEARN**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» (Лоиҳаи LEARN) барои солҳои 2023–2029 аз Бонки Умумиҷаҳонӣ маблағи грантиро ба миқдори 50,0 миллион доллари ИМА дарёфт намудааст. Лоиҳа аз ҷониби аз ҷониби Гурӯҳи идоракунии лоиҳа дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМИ) дар ҳамбастагии зич бо Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (АНДСМИ) амалӣ карда мешавад.

Ҳадафи Лоиҳа баланд бардоштани сатҳи сифати таълим ва омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти умумии интихобшуда мебошад. Дар ин замина, «муҳити таълиму омӯзиш» ба муҳити ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва педагогие такя мекунад, ки таълим дар он сурат мегирад. Ин муҳит дар асоси малакаҳо ва салоҳиятҳои омӯзгорон, инчунин муҳити ҷисмонии омӯзиш, ки барои фаъолиятҳои таълимӣ дастрас мебошанд, ташаккул мeёбад. Он на танҳо синфхонаҳо, балки муҳити васеътари муассисаи таълимиро дар бар мегирад, ки дар он хонандагон таҳсил менамоянд ва омӯзгорон дарс медиҳанд. Беҳтар намудани ин муҳит барои баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷаҳои таҳсили хонандагон ниҳоят муҳим мебошад.

Лоиҳа аз қисматҳои зерин иборат аст:

- **Қисмати 1. Таҳияи Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳити таълим ҷиҳати беҳтар намудани таҷрибаи таълим ва омӯзиш.**

- Гузаронидани бознигарии стандартҳо ва таҷрибаҳои мавҷудаи таълим;
- Таҳия ва татбиқи Чаҳорчӯбаи нави миллӣ дар муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ;
- Такмили равандҳои мониторинг ва арзёбии муҳити таълим;
- Беҳтар намудани сатҳи тахассуснокии омӯзгорон бе халалдор намудани фаъолияти кории онҳо.

➢ **Қисмати 2. Баланд бардоштани сифат ва устувории муҳити таълим ва омӯзиш.**
- Барқарорсозии базаи моддии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- Таъмини риояи стандартҳои ҳадди ақали таълим;
- Коҳиш додани шумораи бастҳои таълимӣ;
- Муосиргардонии раванди таълимӣ дар ҳамкорӣ бо донорҳо;

**Қисмати 3. Афзун намудани иқтидор дар соҳаи баҳодиҳии таҳсил ва идоракунии Лоиҳа**

- Рушди иқтидор барои гузаронидани арзёбии миллии омӯзиш;
- Татбиқи стандартҳои байналмилалии арзёбӣ;
- Тақвияти иқтидори идоракунии ВМИ.

Пурсиши истифодабарандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар доираи **қисмати 1 лоиҳа** гузаронида шуд.

# МЕТОДОЛОГИЯИ ПУРСИШ

## 1. Ҳадафи пурсиш

Ҳадафи ин пурсиш ***арзёбии сифати муҳити таълим дар*** муассисаҳои ***таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** буд.

Аз ҷумла, пурсиш ҳадафҳои зеринро дар бар мегирад:

- ✓ *арзёбии вазъи ҷории муҳити таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии давлатӣ, аз ҷумла шароити таълиму тарбия, инчунин истифодаи муҳити таълимӣ;*
- ✓ *муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасонӣ ба сифати таълим ва қаноатмандии иштироккунандагони раванди таълим (хонандагон, омӯзгорон ва роҳбарияти муассисаи таълимӣ), ки ба таҳияи тадбирҳои мушаххас вобаста ба баланд бардоштани самаранокии муҳити таълим мусоидат мекунанд;*
- ✓ *дар асоси натиҷаҳои таҳлили маълумоти дар доираи пурсиш бадастомада пешниҳоди стратегия ва механизмҳои самарабахши татбиқи тағйирот дар муассисаҳои таълимӣ;*
- ✓ *ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои банақшагирии баъдии ислоҳот ва такмили низоми маориф пешниҳоди хулоса ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асосёфта, ки ин ба фароҳам овардани шароити мусоидкунандаи омӯзиш ва ноил шудан ба стандартҳои баланди таҳсилот мусоидат мекунад.*

## 2. Вазифаҳои пурсиш

Вазифаи асосии мушовир гузаронидани пурсиш дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавии “LEARN” бо истифода аз саволномаҳои ПИМ СҲИР[2], ки ба шароити кишвар мутобиқ карда шудаанд, иборат буд. Дар доираи пурсиш мушовир барои анҷом додани марҳилаҳо ва вазифаҳои зерини пурсиши амалӣ масъул буд:

1. **Марҳилаи омодашавӣ**
   - o Баррасии методологияи ПИМ СҲИР ва мутобиқнамоии он ба шароити Тоҷикистон;
   - o Тарҷума кардани методологияи ПИМ СҲИР, инчунин воситаҳо ва дастурҳо ба забони тоҷикӣ;
   - o Гузаронидани санҷиши лоиҳавӣ ва бознигарии методология ва саволномаҳо;
   - o Анҷом додан ва мувофиқа намудани методология бо ВМИ ва мушовири байналмилалӣ ва пешниҳоди методология ба ВМИ ва раёсатҳо.
2. **Ҷамъоварии маълумот**
   - o Ташкил ва гузаронидани омӯзиш ба саволдиҳандагон;
   - o Ҷамъоварии маълумоти миқдорӣ вобаста ба дарки фазои муассисаи таълимӣ, шароити таълим ва сатҳи қаноатмандӣ аз раванди таълим дар

[2] Tool Organization for Economic Co-operation and Development ( OECD ) School User Survey “ Improving Learning Spaces Together ” , 2018 : https://one.oecd.org/document/EDU/EDPC /GNEELE(2018)1/en/pdf

байни хонандагони синфҳои 7-11, омӯзгорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- Мониторинг ва назорати сифат.

3. **Коркард ва таҳлили маълумотҳо**
   - Таъмини ҷамъоварии маълумоти муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ дар як базаи маълумот;
   - Гузаронидани санҷиши хатоҳои маълумот ва тозакунии базаи маълумот;
   - Омода ва пешниҳоди базаи маълумот дар шакли Microsoft Excel ва\ё STATA ва дигар шаклҳои дархостшуда;
   - Гузаронидани таҳлили омории маълумот барои муайян кардани тамоюлҳо ва намунаҳои асосии муҳити таълим дар ҳамкорӣ бо мушовирони байналмилалӣ.
4. **Таҳияи ҳисобот ва рӯнамо**
   - Тайёр намудани ҳисоботи муфассал дар асоси натиҷаҳои пурсиш бо тавсияҳо вобаста ба беҳтар намудани сифати муҳити таълимӣ дар ҳамкорӣ бо мушовирони байналмилалӣ;
   - Ташкил намудани рӯнамои натиҷаҳои пурсиш ва тавсияҳо ба ВМИ ва ҷонибҳои манфиатдори асосӣ дар сатҳи миллӣ ҷиҳати татбиқи минбаъдаи такмили низоми маориф.

## 3. Механизми пурсиш

Пурсиши истифодабарандагони муассисаи таълимии СҲИР: беҳтарнамоии якҷояи фазои омӯзишӣ (соли 2018) воситаи беназирест, ки аз ҷониби СҲИР таҳия шудааст ва ба онҳое, ки ҳар рӯз аз муассисаи таълимӣ истифода мебаранд, ҳуқуқи баёни фикри худро медиҳад. Он аз се саволномаи худбаҳодиҳӣ иборат аст, ки барои хонандагон, омӯзгорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешбинӣ шудаанд. Онҳо метавонанд барои ҷамъоварӣ ва муқоисаву тасдиқи далелҳо вобаста ба истифодаи воқеии фазоҳои таълимӣ, инчунин барои дарёфти назару андешаҳои корбарон истифода шаванд.

ПИМ СҲИР маълумотро дар бораи ҳарорат, сифати ҳаво, садо, тақсимот ва истифодаи фазо, тарҳҳои гуногуни фазоӣ, мебел, технология, бехатарӣ ва қаноатмандии умумӣ ҷамъ меорад (*нигаред ба Расми 1*).

***Расми 1. Самтҳои асосии таваҷҷӯҳи пурсиш***




ПИМ СҲИР ба панҷ самт диққат медиҳад:

- Муҳити ҷисмонӣ ва истифодаи он;
- Истифодаи технология;
- Бароҳатӣ ва бехатарӣ;
- Дарки муҳити таълимӣ;
- Қаноатмандии умумӣ аз иншоотҳои мактаб.

ПИМ СҲИР барои мақсадҳои зерин таҳия шудааст:

- таъмини далелҳо барои такмили пайваста ва истифодаи оқилонаи фазоҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- ҷойгиркунии таълимгиранда дар маркази давраи такмили доимӣ;
- васеъкунии имкониятҳои хонандагон, омӯзгорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо додани ҳуқуқи суханронӣ вобаста ба услуби таҳияи бинои муассисаи таълимӣ, ки ба эҳтиёҷоти онҳо мувофиқат кунад.

ПИМ СҲИР на воситаи баҳодиҳии муваффақияти хонандагон ва на воситаи арзёбии самаранокии фаъолияти омӯзгорон мебошад.

Натиҷаҳои аз ин восита ҷамъоваришуда мумкин аст дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва/ё сатҳи минтақавӣ ва миллӣ барои дастгирии такмили пайваста ва истифодаи оқилона ё навсозии иншооти таълимӣ истифода шаванд. Он мумкин аст ба ВМИ дар муайян кардани стратегияҳои самаранок ҷиҳати беҳтарнамоии муҳити ҳозираи таълим ва оптимизатсияи истифодаи тарҳҳои нави таълимӣ кӯмак кунад. Ниҳоят, натиҷаҳо мумкин аст фаҳмиши бештареро дар бораи он, ки чӣ тавр муҳити физикии омӯзиш амалияи таълимро ташаккул медиҳад ва ба натиҷаҳои омӯзиш ва некӯаҳволии хонандагон таъсир мерасонад, фароҳам меорад.

## 4. <u>Таҳияи интихобнома</u>

***Чаҳорчӯба ва андозаи интихобнома***

Гурӯҳи кории лоиҳа рӯйхати пурраи муассисаҳои таҳсилоти умумии далатиро дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҳадафӣ таъмин намуд, ки он ҳамчун асос барои интихобномаи ин пурсиш хизмат кард. Ба ин рӯйхат 2837 муаасисаи таълимӣ дохил шуданд, ки дар онҳо 1 527 127 хонанда таҳсил мекунанд, аз ин шумора 783 652 писар ва 743 475 духтар мебошанд. Бояд гуфт, ки дар умум 85 300 нафар омӯзгорон кор мекунанд, ки аксарияти онҳо (52 663 нафар) занҳо мебошанд.

**Андозаи интихобнома** талаботи Бонки умумиҷаҳонӣ дар робита ба гузаронидани ПИМ буд. Гурӯҳи кории лоиҳа рӯйхати муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратиро (65 муассисаи таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 65 муассисаи таҳсилоти умумии назоратӣ, дар умум 130 муассисаи таълимӣ) дар 4 минтақаи Тоҷикистон: ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва НТҶ пешниҳод намуд.

Гурӯҳи мақсадноки пурсиш инҳо мебошанд:

- ✓ *хонандагони синфҳои 7-11;*
- ✓ *омӯзгорон;*
- ✓ *директорони муассисаи таълимӣ.*

*Ҷадвал 1. Интихоби пурсиш*

| Вилоят | Муассисаи таълимӣ | | Роҳбарият | | Омӯзгорон | | Хонандагон | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Лоиҳавӣ** | **Назоратӣ** | **Лоиҳавӣ** | **Назоратӣ** | **Лоиҳавӣ** | **Назоратӣ** | **Лоиҳавӣ** | **Назоратӣ** |
| НТҶ | 16 | 16 | 16 | 16 | 246 | 229 | 852 | 826 |
| ВМКБ | 5 | 5 | 5 | 5 | 65 | 66 | 229 | 192 |
| Хатлон | 35 | 35 | 35 | 35 | 858 | 817 | 1933 | 1948 |
| Суғд | 9 | 9 | 9 | 9 | 218 | 199 | 504 | 499 |
| **Ҳамагӣ** | **65** | **65** | **65** | **65** | **1387** | **1311** | **3518** | **3465** |
| | **130** | | **130** | | **2698** | | **6983** | |

***Метод ва нақшаи интихобнома***

Дар доираи пурсиш барои интихоби муассисаҳои таълимӣ ва мусоҳибон якчанд методҳои интихобнома истифода шуданд.

**Методи интихобномаи мақсаднок** барои интихоби муассисаҳо бо назардошти масъалаҳои моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияҳо истифода шудааст.

Бояд гуфт, ки меъёрҳо барои интихоби муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ дар асоси ҳамкории зич байни Бонки умумиҷаҳонӣ ва ВМИ таҳия карда шуданд. Муассисаҳои лоиҳавӣ аз рӯи меъёрҳои зерин интихоб карда шуданд:

- ✓ мавҷудияти замин дар ҳудуди мууассиса барои сохтмони бинои иловагии таълимӣ;
- ✓ муассисаҳои таълимие, ки дар ҳолати садамавӣ қарор доранд ё ба таъмири асосӣ ниёз доранд;
- ✓ муассисаҳои таълимие, ки дар давоми 10 соли охир барои сохтмон ва азнавсозӣ аз ягон манбаи маблағгузорӣ маблағ ҷудо карда нашудаанд, ба истиснои муассисаҳое, ки аз офати табиӣ осеб дидаанд;
- ✓ муассисаҳои таълимие, ки дар минтақаи офатҳои табиӣ ҷойгир нестанд;
- ✓ муассисаҳои таълимие, ки ба оби ошомиданӣ дастрасӣ доранд;
- ✓ зиёд намудани дурнамои шумораи хонандагон дар муассисаи таълимӣ;
- ✓ нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа.

Дар хусуси муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ бошад, онҳо дар ҳамон шаҳру ноҳияҳое, ки муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ ҷойгир аст, бо хусусияти тақрибан якхела интихоб карда шуданд.

Дар мавриди мусоҳибон бошад, дар раванди пурсиш интихобномаи оддии тасодуфӣ истифода шудааст, ки ин маънои онро дорад, ҳар як мусоҳиб барои интихобшавӣ имконияти баробар доранд. Мусоҳибон тавассути тавлиди рақамҳои тасодуфӣ интихоб карда шуданд. Мусоҳибони интихобшударо иваз кардан мумкин нест, бо шарте ки агар онҳо аз иштирок дар пурсиш даст накашанд.

**Интихоби хонандагон.** Дар марҳилаи ибтидоӣ шумораи умумии хонандагон дар ҳар як синф бо роҳи ҷамъбасти ҳамаи хонандагони як синф муайян карда мешавад (масалан, 7А, 7Б, 7В). Пас аз он раванди интихоб ин принсипҳоро риоя мекунад:

- Агар шумораи умумии хонандагон дар синф аз 100 нафар зиёд бошад, интихоби тасодуфии 10% барои таъмини намояндагии мутаносиб гузаронида мешавад. Масалан, агар муассисае дар синфи 7-ум 120 нафар хонанда дошта бошад, пас интихоби тасодуфии 12 хонанда гузаронида мешавад.
- Агар шумораи умумии хонандагон аз 100 нафар камтар бошад, масалан, 70 нафар, интихоби тасодуфии 10 нафар хонандагон гузаронида мешавад.
- Агар дар синф 10 ё камтар хонанда бошад, ҳамаи онҳо дар пурсиш иштирок мекунанд.
- Агар синф аз 100 нафар иборат бошад, 10 нафар ба таври тасодуфӣ интихоб карда мешаванд.

Ин рӯйхат фарқияти шумораи хонандагонро дар байни муассисаҳои таълимӣ ва гурӯҳҳои синфҳо ба назар гирифта, кафолат медиҳад, ки интихобнома репрезентативӣ боқӣ мемонад ва натиҷаҳои пурсиш боэътимод мебошанд.

**Интихоби омӯзгорон.** Ҳамаи омӯзгороне, ки дар синфҳои 7-11 ба хонандагон дарс медоданд, ба ғайр аз омӯзгорони фанҳои санъати тасвирӣ, мусиқӣ ва тарбияи ҷисмонӣ, имкони интихоб шуданро доштанд. Агар омӯзгор барои зиёда аз як фан масъул бошад, аз онҳо хоҳиш карда мешуд, ки саволномаро танҳо як маротиба пур кунанд, то ки ҳар як мусоҳиб танҳо як маротиба дар маълумот ворид карда шавад.

**Интихоби директорони муассисаҳо**. Интихоби директорони муассисаҳо барои ин пурсиш ҳадафмандона буда, ба он директорони муассиса, муовинони директор ва мудирони шуъба шомил буданд. Бояд гуфт, ки дар ин пурсиш ҳамаи директорони муассисаҳо иштирок намуданд.

Интихобномаи муфассалро шумо метавонед дар **Замимаи 1: Интихобномаи муфассали пурсиш** пайдо кунед.

## 5. <u>Воситаҳо (саволномаҳо)</u>

Пурсиш бо истифода аз воситаи ПИМ СҲИР гузаронида шуд, ки истифодаи фазоҳои омӯзишӣ ва ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳоро дар бораи дарки муҳити физикии омӯзиш арзёбӣ намуд. Воситаи ПИМ СҲИР аз се саволнома иборат аст, ки барои арзёбии истифодаи фазоҳои омӯзишӣ ва ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳо вобаста ба дарки муҳити физикии омӯзиш тарҳрезӣ шудааст ва ба хонандагон, омӯзгорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нигаронида шудааст. Саволнома барои хонандагон аз 29 савол, барои омӯзгорон аз 39 савол ва барои муассисаи таълимӣ аз 18 савол иборат буданд. Ҳамаи саволномаҳо бо як саволи умумӣ дар бораи қаноатмандии умумии истифодабаранда анҷом меёбанд (*нигаред ба Расми 2*).

*Расми 2. Сохтори саволнома*

| | СХИР ПУРСИШИ ИСТИФОДАБАРАНДАИ МАКТАБ | | |
|---|---|---|---|
| | Саволнома барои хонандагон | Саволнома барои омӯзгорон | Саволнома барои роҳбарият |
| Қисми 1 | Дар бораи шумо | Дар бораи мактаб | Дар бораи мактаб |
| Қисми 2 | Фазое, ки шумо истифода мебаред | Дар бораи шумо | Муҳити физикии мактаб |
| Қисми 3 | Бароҳатӣ | Дар бораи роҳбарият | Технология дар мактаб |
| Қисми 4 | Ташкили фазо | Фазое, ки шумо истифода мебаред | Қаноатмандии умумӣ |
| Қисми 5 | Бехатарии эмотсионалӣ, ҷисмонӣ ва некӯаҳволӣ | Бароҳатӣ | |
| Қисми 6 | Технология дар мактаб | Ташкили фазо | |
| Қисми 7 | Қаноатмандии умумӣ | Бехатарии эмотсионалӣ, ҷисмонӣ ва некӯаҳволӣ | |
| Қисми 8 | | Технология дар мактаб | |
| Қисми 9 | | Қаноатмандии умумӣ | |

Ҳар як саволнома тавре таҳия шудааст, ки фаҳмидан ва истифода бурдани он осон аст. Пур кардани ҳар яке аз се саволномаи худбаҳодиҳӣ, ки барои хонандагон, омӯзгорон ва директорони муассисаҳо таҳия шудаанд, тақрибан аз 20 то 30 дақиқа вақтро мегиранд.

- Саволҳо ё як давраи мушаххасеро муайян мекунанд, ки мусоҳиб бояд онро баррасӣ кунад ё онҳо метавонанд дар бораи андешаи мусоҳибон дар маҷмӯъ пурсанд.
- Аксарияти саволҳо аз якчанд вариант барои интихоб иборатанд. Ба истифодабарандагон иҷозат дода мешавад, ки дар ҳар як савол танҳо як ҷавоб ё ҳамаи вариантҳои ҷавобро интихоб кунанд.
- Аксарияти саволҳо тавре таҳия шудаанд, ки ҷавобҳо бо истифода аз ҷадвал дода шудаанд.
- Якчанд саволҳо муқаддимаи васеъро бо баъзе тасвирҳо доранд.
- Якчанд саволҳои кушода ва саволҳои пайгирикунанда вуҷуд доранд, ки дар он истифодабарандагон бояд тавзеҳот илова кунанд. Баъзе саволҳо санҷиши ночизро истифода мебаранд ва баъзе вариантҳои ҷавоб паёмҳоро дар бораи хатоҳо тавлид мекунанд: масалан, дар он ҷое ки савол мепурсад, ки чанд фоизи вақт ба ягон фаъолият бахшида шудааст, ҷавобҳои мусоҳиб бояд ҷамъ 100%-ро ташкил диҳанд, пеш аз оне, ки саволдиҳанда ба саволи навбатӣ гузарад.

Барои таъмини сифати баланди маълумот ҷавобҳои пурсиш барои ҳифзи шахсияти мусоҳибон махфӣ мебошанд.

Саволномаҳои мазкур ба тоҷикӣ тарҷума шуда, аз марҳилаи санҷиши озмоишӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити маҳаллӣ бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва синну соли Тоҷикистон гузаштаанд.

Саволномаҳоро шумо метавонед дар **Замимаи 2: Саволномаҳои пурсиш** пайдо кунед.

# САНҶИШИ ОЗМОИШИИ ВОСИТАҲОИ ПИМ СҲИР

Санаи 21 январи соли 2025 санҷиши озмоишии саволномаҳо дар шаҳри Ҳисор (Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89), рӯзҳои 28-29 январи соли 2025 дар ноҳияи Варзоб (Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40) ва дар ноҳияи Рӯдакӣ (Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №119) гузаронида шуданд. Ҳадафҳои асосии санҷиши озмоишӣ инҳо буданд:

- **Баҳодиҳии возеҳият ва фаҳмиш:** Боварӣ ҳосил кардан, ки мусоҳибон саволҳоро мувофиқи мақсад мефаҳманд ва забони гуфтор барои шунавандагони мақсаднок равшан, возеҳ ва мувофиқ мебошад.
- **Арзёбии ҷараён ва тартиби саволҳо:** Санҷидани он, ки саволҳо аз рӯи мантиқ пайдарҳам омадаанд ва гузаришҳо байни саволҳо аз рӯи мантиқ мебошанд.
- **Муайян кардани эҳтимолияти ғаразнокӣ ё саволҳои роҳнамокунанда:** Муайян кардани ҳама гуна саволҳое, ки мумкин аст ба ҷавобҳои мусоҳибон таъсир расонанд.
- **Муайян кардани вақти зарурӣ барои пур кардани саволнома:** Ин ҳангоми банақшагирии раванди асосии ҷамъоварии маълумот ва огоҳ кардани иштироккунандагон вобаста ба вақти муайян барои пур кардани саволнома кӯмак мекунад.
- **Санҷидани самаранокии дастурҳо:** Санҷидани он, ки дастурҳо вобаста ба пур кардани саволнома равшан ва ба осонӣ иҷрошаванда мебошанд.
- **Ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳои ҷавобӣ барои беҳтарнамоӣ:** Гирифтани пешниҳодҳо аз иштироккунандагони санҷиши озмоишӣ дар бораи чӣ тавр метавон саволномаро аз ҷиҳати возеҳӣ, мувофиқат ё осонии истифода беҳтар кард.

Дар натиҷа, ҳангоми санҷиши озмоишӣ дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89, шаҳри Ҳисор 50 саволномаи худпуркунӣ дар байни хонандагони синфҳои 7-11, 10 саволномаи худпуркунӣ миёни омӯзгорони фанҳои гуногун ва 1 саволномаи худпуркуркнӣ аз тарафи директори муассисаи таълимӣ пур карда шудаанд. Ҳарчанд саволномаи хонандагон пеш аз санҷиши озмоишӣ содда карда шуда буд, хонандагони синфи 7 дар вақти ҷавобдиҳӣ ба баъзе саволҳо ба мушкилот рӯ ба рӯ шуданд. Қобили зикр аст, ки саволи 22 дар қисми 4, ки вариантҳои гуногуни ташкили фазои синфхонаҳоро пешниҳод мекард, сабаби асосии нофаҳмиҳо барои хонандагон дар тамоми синфҳо буд.

Дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40, ноҳияи Варзоб дар байни хонандагони синфҳои 7-11, 43 саволномаи худпуркунӣ ва 1 саволномаи иловагӣ аз ҷониби омӯзгор пур карда шуд. Дар байни хонандагони синфи 7 ҳамагӣ 7 нафар ба саволҳо ҷавоб дода натавонистанд.

Дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №119, ноҳияи Рӯдакӣ дар байни хонандагони синфҳои 7-11, 46 саволномаи худпуркунӣ ва 9 саволномаи худпуркунӣ миёни омӯзгорон пур карда шуд. Ба монанди муассисаҳои дигар, 4 нафар хонандаи синфи 7-уми муассисаи мазкур низ ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳо бо мушкилот рӯ ба рӯ шуданд.

Дар асоси натиҷаҳои санҷиши озмоишӣ тадбирҳои зерин андешида шуданд:

- матни саволҳои душвор махсусан барои хонандагони синфи 7 аз нав дида баромада шуд;
- саволи 22 дар Қисми 4 (саволномаи хонандагон) бо мақсади беҳтар кардани возеҳият аз нав ифода карда шуд.
- бо омӯзгорон ва директорони муассисаҳо бо мақсади ҷамъбасти тавсияҳои онҳо вобаста ба такмили саволномаҳо муҳокимаҳои иловагӣ гузаронида шуданд.

Бояд қайд кард, ки дар мактаби якум санҷиши озмоишӣ бо истифода аз саволномаҳои қоғазӣ гузаронида шуд, дар ду муассисаи таълимии боқимонда саволномаҳои дар планшет насбшуда истифода шуданд (*нигаред ба расми 3*).

Натиҷаҳои санҷиши озмоишӣ имкон доданд, ки ислоҳоти зарурӣ ворид карда шаванд ва ба ин васила сифати марҳилаи асосии ҷамъоварии маълумот беҳтар карда шавад.

***Расми 3. Намунаҳои саволномаҳо дар планшет***









## МАҲДУДИЯТ ВА РОҲҲОИ КОҲИШ ДОДАНИ ТАЪСИРИ ОН

Дар давоми тамоми давраи пурсиш маҳдудиятҳои зерин муайян ва баъдан бартараф карда шуданд. Стратегияҳои кам кардани таъсири онҳо дар зер оварда шудаанд:

**Маҳдудиятҳои методологӣ:**

- **Розигии ғайрирасмӣ.** Гирифтани розигии ғайрирасмӣ аз омӯзгорон зарур аст. Хонандагон мумкин аст дар вақти иштирок фишор ҳис кунанд, махсусан агар пурсиш аз ҷониби шахси салоҳиятдор идора карда шавад.
- **Махфият**. Таъмини итминони иштирокчиён, ки ҷавобҳои онҳо махфӣ ва беном нигоҳ дошта мешаванд, метавонад душвор гардад, махсусан дар муҳити мактабҳои хурд, ки шахсони алоҳида мумкин аст шинохта шаванд.
- **Эҳтимолияти зарар ё изтироб.** Саволҳои пурсиш, махсусан вобаста ба мавзӯъҳои ҳассос, мумкин аст боиси изтироби ҳассосӣ ё эҳсосоти манфии баъзе хонандагон ё омӯзгорон гарданд.
- **Иштироки ихтиёрӣ.** Таъмини он, ки иштирок амалан ихтиёрӣ ва бе ягон оқибати манфӣ барои иштирок бошад, хеле муҳим аст.
- **Андозагирии хато.** Нодурустӣ ё номутобиқатӣ дар раванди ҷамъоварии маълумот мумкин аст боиси хатоҳо гардад. Шояд ин бо сабаби воситаҳои нодуруст, саволдиҳандагони суст омӯзонидашуда ё саволҳои норавшани пурсиш ба вуҷуд ояд.

**Маҳдудиятҳои контекстӣ:**

- **Дастрасӣ ва иҷозат дар ВМКБ.** Гирифтани иҷозати зарурӣ аз мақомоти минтақавӣ ва комиссияи маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак як раванди тӯлонӣ ва мураккабест, ки ба ҷадвали ҷамъоварии маълумот таъсир гузошт..

- **Набудани пайвастшавӣ ба Интернет.** Набудани пайвастшавӣ ба Интернет, махсусан дар деҳаҳо ва шаҳрҳои дурдаст мумкин аст ба ҷадвали ҷамъоварии маълумот таъсири ҷиддӣ расонад.
- **Интихоби дурусти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №57 шаҳри Турсунзода барои пурсиш интихоб шудааст, ки дар он хонандагон то синфи 6 таълим мегиранд ва Филиали Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ҳамин шаҳр мебошад.

**Роҳҳои коҳиш додани таъсири он:**

- **Розигии огоҳкардашуда.** Тартиб додани шаклҳои розигии мувофиқ ба синну солро барои омӯзгорон дар робита бо хонандагон таҳия кунед, ки дар он мақсад, равандҳо, хатарҳо, манфиатҳо ва ихтиёрии иштирок дар пурсишнома равшан шарҳ дода шаванд. Ҳуқуқи радкунӣ аз пурсишро ҳар вақт таъкид кунед.
- **Махфият**. Ба таври возеҳ шарҳ диҳед, ки маълумот чӣ тавр нигоҳ дошта ва пешниҳод карда мешаванд, то шахсиятҳои алоҳида ҳифз шаванд. Аз ҷамъоварии маълумоти мушаххаскунанда худдорӣ кунед ва агар зарур бошад, пас истифодаи онро асоснок кунед.
- **Эҳтимолияти зарар ё изтироб.** Саволҳои пурсишро барои таъмини возеҳӣ, канорагирӣ аз забони пешбаранда ё ғаразнок ва муайян кардани нуқтаҳои эҳтимолан ҳассос озмоиш/санҷиш кунед. Ба хонандагон имкон диҳед, ки ба саволҳое, ки ба онҳо ҷавоб додан нороҳат аст, ҷавоб надиҳанд ва партоянд.
- Саволҳои пурсишномаро пешакӣ санҷед (пилот) то равшанӣ таъмин карда шавад, аз забони роҳнамо ё таҳрифкунанда худдорӣ карда шавад ва унсурҳои эҳтимолан ҳассос муайян гарданд. Ба хонандагон имконият диҳед, ки саволҳои нороҳаткунанда ё нохоҳандаро гузаранд.
- **Иштироки ихтиёрӣ.** Барои пурсишҳо дар бораи мавзӯъҳои ҳассос ба иштироккунандагоне, ки мумкин аст ба изтироб дучор шаванд, маълумоти кумаккунандаро пешниҳод кунед.
- **Дастрасӣ ва иҷозат дар ВМКБ.** Барои гузаронидани пурсиш дар ВМКБ мактуби алоҳида ба номи раиси вилоят аз ҷониби ВМИ бояд фиристода шавад.
- **Набудани пайвастшавӣ ба интернет.** Планшетҳои пешниҳодшуда функсияи сабт ва нигоҳдории маълумотро дар реҷаи офлайн доранд, ки имкон медиҳад, пас аз барқарор шудани пайвастшавӣ ба Интернет маълумот ба базаи маълумот ворид карда шавад.
- **Хатои ченкунӣ.** Таҳия ва истифодаи протоколҳои возеҳу стандартии ҷамъоварии маълумот, инчунин баргузор намудани омӯзиши ҳамаҷониба барои мусоҳибагирандагон ҷиҳати коҳиш додани хатогиҳои ченкунӣ, пайдарҳамӣ ва таъмини мутобиқат.
- **Интихоби дурусти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Пурсиш дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и шаҳри Турсунзода пас аз тағйир додани ҷадвал гузаронида шуд.

# НАТИҶАҲО ВА БОЗЁФТҲО

## ДАР БОРАИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ ВА ТАШКИЛИ ОН

Дар ин ҳисобот натиҷаҳои пурсиши истифодабарандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оварда шудааст, ки аз 11 март то 26 апрели соли 2025 дар 130 муассисаи таълимии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва НТҶ гузаронида шуд. Пурсиш ҳам муассисаҳои лоиҳавӣ ва ҳам назоратиро дар бар гирифт (ҳар кадоме иборат аз 65 муассисаи таҳсилоти умумӣ). Қобили зикр аст, ки аксарияти муассисаҳои пурсишшуда (92%) дар деҳот ҷойгир буданд, ки 84% дар ҷамоатҳои бо аҳолии камтар аз 3000 нафар хизмат мерасонанд (*нигаред ба диаграммаи 1*) ва асосан аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ (95%) маблағгузорӣ карда мешаванд (*нигаред ба диаграммаи 2*). Дар пурсиш 2698 нафар омӯзгор (53% зан) ва 6984 нафар хонандаи (52% зан) синфҳои 7-11 муассисаҳои таҳсилоти умумии давлатӣ иштирок карданд. Маълумотҳо аз тарафи 23 саволдиҳандаи омӯзонидашуда (65% зан) ҷамъоварӣ карда шуданд.

**Ҷадвали 1. Шарҳи муфассали пурсиш**

| | | |
|---|---|---|
| Миқдори муассисаҳо | | 130 |
| %-и муассисаҳои дар деҳот ҷойгирбуда | | 92% |
| %-и муассисаҳои дар шаҳр ҷойгирбуда | | 8% |
| Шумораи омӯзгорон | | 2698 |
| %-и омӯзгорони ҷинси зан | | 53% |
| %-и омӯзгорони ҷинси мард | | 47% |
| Шумораи миёнаи омӯзгорон | | 38 |
| Синну соли миёнаи омӯзгорон | | 38 |
| Собиқаи миёнаи кории омӯзгорон | | 10 |
| Миқдори хонандагон | | 6984 |
| %-и хонандагони ҷинси духтар | | 52% |
| %-и хонандагони ҷинси писар | | 48% |
| Шумораи миёнаи хонандагон дар синф | | 25 |
| Шумораи хонандагон аз рӯи синфҳо | Синфи 7 | 1518 |
| | Синфи 8 | 1509 |
| | Синфи 9 | 1432 |
| | Синфи 10 | 1283 |
| | Синфи 11 | 1242 |
| Шумораи омӯзгорон аз рӯи фан[3] | Забони модарӣ | 464 |
| | Адабиёт | 390 |
| | Таърих | 307 |
| | Забони русӣ | 261 |
| | Математика | 373 |
| | Биология | 232 |
| | Забони англисӣ | 212 |
| | Физика | 166 |
| | Тарбияи ҷисмонӣ | 147 |
| | Химия | 144 |
| | География | 139 |
| | Технологияи иттилоотӣ | 132 |
| | Ҳуқуқ | 129 |
| | Меҳнат | 118 |
| | Геометрия | 90 |
| | Санъат | 82 |
| | Дигар | 298 |

[3] Бояд гуфт, ки 1 омӯзгор мумкин аст якчанд фанро дарс диҳад

*Диаграммаи 1. Мавқеи ҷойгиршавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ*




*Диаграммаи 2. Сарчашмаи маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ*




Қайд кардан зарур аст, ки аксарияти омӯзгорон (86%) рӯзи кории пурра фаъолият мекунанд. Тақрибан сеяки онҳо (29%) дар синну соли 25-34 мебошанд ва таҷрибаи кории миёнаи 10 сол доранд (*нигаред ба диаграммаҳои 3 ва 4*).

*Диаграммаи 3. Синну соли омӯзгорон*




*Диаграммаи 4. Машғулият*



Тақрибан 60% хонандагон дар синфҳои 7 то 9 таҳсил мекунанд, ки дар онҳо шумораи хонандагони писару духтар нисбатан баробар аст. Баръакс, синфҳои 10 ва 11 теъдоди камтари хонандагон доранд — мутаносибан 45 ва 34 нафар. Ин камшавӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки пас аз хатми синфи 9 хонандагон таҳсилро дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ё миёнаи касбӣ идома медиҳанд (*нигаред ба диаграммаи 5*).

***Диаграммаи 5. Шумораи ҷории хонандагон аз рӯи синфҳо***




Бозёфти мусбӣ ин аст, ки ҳамаи муассисаҳо дастрасӣ ба нерӯи барқ доранд, ҳарчанд 80%-и онҳо дар бораи маҳдудиятҳо (лимит) хабар доданд. Ғайр аз он, дар 75%-и муассисаҳо барои таълим компютерҳо мавҷуд буданд. Бо вуҷуди ин, дастрасии Интернет барои мақсадҳои таълимӣ як мушкилии ҷиддӣ боқӣ мемонад, зеро танҳо 10%-и муассисаҳо ин имкониятро доранд. Дар робита ба масъалаи об, санитария ва беҳдошт қисми зиёди муассисаҳо ба оби нӯшокии оддӣ (21%), санитарияи якҷинса (29%) ва маконҳои дастшӯйӣ (36%) дастрасӣ надоранд. Дастрасӣ як самти муҳим барои беҳтарнамоӣ аст, зеро танҳо 17%-и муассисаҳо инфрасохтори мувофиқро барои хонандагони дорои маъюбият доранд (нигаред ба диаграммаи 6).

***Диаграммаи 6. Муҳити физикии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ***




Мутобиқи маълумоти ҷамъкардашуда, аксарияти директорони муассисаҳо (69%) хабар доданд, ки ба омӯзгорон барои ҳамаи фанҳо маъмулан як синфхона таъин карда мешавад. Баръакс, миқдори хеле ками омӯзгорон аз синфхонаҳое истифода мебаранд, ки барои таълими муштарак бо гурӯҳҳои калонтари яксинфӣ (8%) ё бисёрсинфӣ (7%) пешбинӣ шудаанд (*нигаред ба диаграммаи 7*).

*Диаграммаи 7. Тақсими синфхонаҳо*




Натиҷаҳои пурсиш андешаи умумии мусбати омӯзгоронро вобаста ба роҳбарияти муассисаи таълимӣ, ҳамчунин мустақилият ва дастгирие, ки директорон ба омӯзгорон вобаста ба истифодаи фазои таълимӣ таъмин мекунанд, нишон медиҳад. Аксарияти омӯзгорон (95%) розӣ ҳастанд, ки директорони муассисаҳо ва омӯзгорон вобаста ба усули беҳтар истифода бурдани фазои омӯзиширо барои таълим як диди муштарак доранд; илова бар ин, аксарияти омӯзгорон (94%) розӣ ҳастанд, ки директорони муассисаҳо онҳоро ташвиқ мекунанд, ки тарзҳои гуногуни истифодаи фазои омӯзиширо дар амал татбиқ намоянд. Бо вуҷуди ин, сеяки омӯзгорон (30%) чунин фикр доранд, ки бинои муассиса ва фазои таълимӣ ба таҷрибаи таълимии онҳо мувофиқат намекунад (*нигаред ба диаграммаи 8*).

*Диаграммаи 8. Роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва муҳити таълим*




Маълумоти ҷамъоваришуда нишон медиҳад, ки омӯзгорон аксарияти вақтҳо боварӣ доранд, ки ҳолати биноҳо ва иншооти муассисаҳои таълимӣ дар қаноатмандии онҳо вобаста ба кор ва ҷолибияти умумии муассиса нақши ҳалкунанда мебозанд. Аксарият қайд карданд, ки шароити боз ҳам босифат онҳоро водор месозад, дар ҷои кори худ бимонанд (79%), ба ҷалби ҳамкорони нав мусоидат мекунанд (77%) ва радару модаронро ба муассисаи таълимӣ ҷалб мекунанд (79%). Ҳиссаи камтар, вале ҳанӯз ҳам назарраси директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (47%) ба таъсири назарраси шароити бинои таълимӣ ба қарорҳои қабулкардаи падару модарон ҷиҳати дохилкунии кӯдакони худ ба ин ё он муассисаи таълимӣ боварӣ доранд (*нигаред ба диаграммаи 9*).

*Диаграммаи 9. Таъсири бино ва иншооти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ*




## ФАЗОЕ, КИ ШУМО ИСТИФОДА МЕБАРЕД

Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки муҳитҳои таълимии анъанавӣ бештар ҳукмронанд: 84%-и муассисаҳои таълимӣ моделеро истифода мебаранд, ки дар он хонандагон дар як гурӯҳ ва як фазои таълимӣ боқӣ мемонанд. Омӯзгорон ба фазоҳои гуногуни таълимӣ дастрасӣ доранд ва онро истифода мебаранд (68%). Илова бар ин, аксарият онҳо (94%) хабар доданд, ки вақти бештари худро дар синфхонае, ки ба ҳисоби миёна 25 хонанда дорад, барои таълими танҳо сарф мекунанд. 6%-и омӯзгорон дар бораи ҳузури 2 омӯзгор хабар доданд (*нигаред ба диаграммаҳои 10 ва 11*).

*Диаграммаи 10. Истифодаи синфхонаҳо*




*Диаграммаи 11. Омӯзгорон дар синфхона*



Маълумоти пурсиш нишон медиҳад, ки ҳамаи муассисаҳои таълимӣ аз синфхонаҳои анъанавӣ истифода мебаранд ва фазоҳои дохилии иловагӣ надоранд. Омӯзгорон дар бораи камбудии назарраси фазоҳои асосии таълим хабар доданд: бахусус синфхонаҳо бо дастрасии бевосита ба минтақаи дамгирӣ (7%) ва фазоҳои муштараки таълимӣ (4%), ки барои кори муштараки омӯзгор ва хонандагон пешбинӣ шудаанд. Онҳо, инчунин ба таъминоти маҳдуди иншооти махсус, аз ҷумла лабораторияи таълимӣ (7%), студияҳо барои санъати тасвирӣ, мусиқӣ ё тарроҳӣ (6%), устохона барои технологияи ғизо (8%) ва устохонаҳои технологӣ (8%) ишора карданд. Баръакс ба ин, хонандагон нисбат ба омӯзгорон бештар дар бораи мавҷудияти китобхона (92%) ва ошхона (62%) хабар медиҳанд (*нигаред ба диаграммаи 12*).

***Диаграммаи 12. Мавҷудияти ҷойҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ***




Агар дар бораи истифодабарии фазо сухан ронем, пас ҳам омӯзгорон (87%) ва ҳам хонандагон (97%) қайд карданд, ки синфхонаи анъанавӣ бе минтақаҳои танаффус бештар дар вақти дарс ҳар рӯз истифода мешавад. Илова бар ин, аксарияти онҳо гуфтанд, ки дар кори муштараки гурӯҳӣ, кори лоиҳавӣ ё кори инфиродӣ дар синфхонаҳо бо дастрасии бевосита ба минтақаи истироҳатӣ (45%-и омӯзгорон ва 33%-и хонандагон) ва гӯшаҳои таълимии муштарак (35%-и омӯзгорон ва 37%-и хонандагон) тақрибан дар як ҳафта як маротиба иштирок мекунанд. Маълумот, инчунин истифодаи ками малакаҳои амалӣ ба монанди пухтупазро нишон медиҳад, тавре ки 91%-и омӯзгорон ва 76%-и хонандагон гузориш доданд (*нигаред ба диаграммаҳои 13 ва 14*). Берун аз вақти дарс беш аз нисфи хонандагон аз толори варзишӣ (57%) ва тақрибан нисфи хонандагон (47%) аз китобхона истифода мебаранд. Қобили зикр аст, ки зиёда аз се ду ҳиссаи (67%) хонандагон мунтазам аз ошхонаи берун аз вақти дарс (дар вақти танффус) истифода намебаранд. (*нигаред ба диаграммаи 14*).

*Диаграммаи 13. Давомнокии истифодабарии фазои муассисаи таълимӣ аз ҷониби омӯзгорон*




*Диаграммаи 14. Давомнокии истифодабарии фазои муассисаи таълимӣ аз ҷониби хонандагон*




Агар дар бораи фазои беруна сухан ронем, ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагон аз истифодаи мӯътадил гузориш медиҳанд. Фазоҳои беруна, ба монанди синфхонаҳои беруна

бо ҷои нишаст, майдончаҳои варзишӣ ва саҳни муассисаҳо ҳадди аққал як маротиба дар як моҳ аз ҷониби 44-54% омӯзгорон ва 48-59% хонандагон истифода мешаванд. Шумораи бештари хонандагон нисбат ба омӯзгорон ҳар рӯз аз саҳни муассисаи таълимӣ истифода мебаранд (*нигаред ба диаграммаи 16*). Бо вуҷуди ин, қайд кардан муҳим аст, ки шумораи хеле ками омӯзгорон (14%) ва хонандагон (23%) мавҷудияти синфхонаҳои беруна ё ҷойҳои нишастро дар муассисаҳои худ нишон доданд (*нигаред ба диаграммаи 15*).

***Диаграммаи 15. Мавҷудияти ҷойҳои беруна дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ***




***Диаграммаи 16. Фосилаи истифодаи фазои беруна, ки бевосита аз синфхона дастрас аст***



***Диаграммаи 17. Фосилаи истифодаи ҷойҳои беруна, ки бевосита аз синфхона дастрас нестанд***




Омӯзгорон аз набудани қаноатмандӣ аз фазоҳои иловагӣ барои истифодаи худ, аз ҷумла ҳуҷраҳои вохӯрӣ, ҷойҳои иҷтимоӣ барои муошират бо ҳамкорон ва ҷойи кории ором пеш аз ё баъд аз дарс хабар доданд (*нигаред ба диаграммаи 18*). Ин мушкилоти набудани ҷойҳои мувофиқ дар таҷрибаи хонандагон инъикос ёфтааст: шумораи ками хонандагон мавҷудияти ҷойҳои ором барои кори инфиродӣ (6%) ё гурӯҳӣ (5%) берун аз вақти таълимро нишон медиҳанд.

Барои хонандагон омили асосии омӯзиши самаранок дар фазо фанни таълимшуда буд (40%). Бо вуҷуди ин, омилҳои муҳити зист, ба монанди ҳарорати мувофиқ (29%) ва мавҷудияти таҷҳизоти зарурии омӯзишӣ (17%) низ ҳамчун саҳми назаррас ба таҷрибаи омӯзиши онҳо муайян карда шуданд (*нигаред ба диаграммаи 20*).

***Диаграммаи 18. Қаноатмандии омӯзгорон аз таъмини…***



*Диаграммаи 19. Мавҷудияти ҷойҳо барои оромона кор кардан дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ*




*Диаграммаи 20. Омилҳои асосии хонандагон дар синфхона*




## Таҳлили тағйирёбандаҳо

Таҳлили муқоисаи муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ вобаста ба истифодаи фазо аз тарафи омӯзгорон ва хонандагон намунаҳои монандро ошкор мекунад. Маълумот нишон медиҳад, ки ба монанди хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ, аксарияти хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ низ асосан таълими худро дар дохили ҳамон як синфхона дар фазои муттасили омӯзиш мегузаронанд (*нигаред ба диаграммаи 21*).

Агар дар бораи дастрасии фазоҳои гуногун сухан ронем, таҳлил фарқияти назаррасро байни гурӯҳҳои лоиҳавӣ ва назоратӣ нишон надод. Хонандагон дар ҳарду навъи муассисаҳо асосан дар бораи мавҷудияти синфхонаҳои анъанавӣ бидуни ҷойҳои истироҳат ҳамчун муҳити асосии таълимии худ хабар доданд. Илова бар ин, фоизи шабеҳи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ мавҷудияти китобхона (92% ва 94%), ошхона (62% ва 61%) ва толори варзиширо (39% ва 45%) қайд карданд. Қобили зикр аст, ки маълумот фарқияти мавҷудияти минтақаи таълимии муштаракро байни муассаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ (28%) ва муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ (37%) нишон медиҳад (*нигаред ба диаграммаи 22*).

Дар тамоми синфҳо аксарияти хонандагон (ҳадди ақал 95%) асосан аз синфхонаҳо бе фазоҳо барои истироҳат истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, хонандагони синфҳои 10-11 гузориш медиҳанд, ки дар муқоиса бо хонандагони синфҳои 7-9 (китобхона: 46-47%; толори варзишӣ: 71-74%) аз китобхона (60-62%) ва толори варзишӣ (15-18%)

бештар истифода мебаранд ва истифодаи он ҳадди аққал як маротиба дар як ҳафта ё бештар аз он муайян карда мешавад (*нигаред ба диаграммаи 23*).

***Диаграммаи 21. Муқоисаи истифодаи ҷойҳои омӯзишӣ***




***Диаграммаи 22. Мавҷудияти ҷойҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ аз нигоҳи хонандагон***



*Диаграммаи 23. Истифодабарии фазои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҳафтаи охир*



Агар дар бораи дастрасии фазоҳои берунӣ сухан ронем, хонандагони ҳам муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва ҳам назоратӣ дар бораи дастрасии шабеҳ ба майдони кушоди заминаш сахт барои тӯббозӣ (71% ва 77%), майдонҳои варзишӣ (60% ва 64%) ва майдонҳои алафпӯш (41% ва 46%) гузориш доданд. Қобили зикр аст, ки ҳар ду гурӯҳ набудани фазоҳои берунаро бо ҷойи нишаст қайд карданд (23% ва 25%) (*нигаред ба диаграммаи 24*). Ҷолиб он аст, ки дастрасии майдонҳои кушоди заминаш сахт ва майдончаҳои варзишӣ дар асоси зиёдшавии андозаи муассисаи таълимӣ зиёд мешуд, тавре ки ҷавобҳои хонандагон нишон медиҳанд (майдонҳои кушоди заминаш сахт: 68% хурд, 75% миёна, 78% калон; майдонҳои варзишӣ: 48% хурд, 62% миёна, 70% калон) (*нигаред ба диаграммаи 25*).

Қобили зикр аст, ки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ нисбат ба ҳамкасбони худ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ аз таъмини ҷойҳои муайян каме бештар қаноатмандӣ изҳор кардаанд. Масалан, тақрибан 40%-и омӯзгорони муассисаҳои назоратӣ аз толорҳои маҷлис қаноатманд буданд, дар ҳоле ки дар муассисаҳои лоиҳавӣ ин рақам танҳо 23%-ро ташкил дод. Ба ҳамин монанд, қаноатмандӣ аз мавҷудияти ҷойҳои кории ором барои омӯзгорон пеш аз ё баъд аз дарс дар муассисаҳои назоратӣ (45%) нисбат ба муассисаҳои лоиҳавӣ (30%) баландтар буд (*нигаред ба диаграммаи 26*).

***Диаграммаи 24. Мавҷудияти ҷойҳои беруна дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ***



*Диаграммаи 25. Мавҷудияти ҷойҳои беруна аз рӯи андозаи муассисаи таълимӣ*




*Диаграммаи 26. Қаноатмандии омӯзгорон аз ҷойҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ*




Омилҳои асосие, ки хонандагон боварӣ доранд, ба онҳо дар омӯзиш беҳтар кӯмак мекунанд, асосан байни муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ мувофиқанд. Дар ҳар ду гурӯҳ, таълим гирифтани фанни дӯстдошта муҳимтарин омил мебошад (40% дар муассисаҳои лоиҳавӣ ва 42% дар муассисаҳои назоратӣ). Ҳарорати синфхона ва таҷҳизоти мавҷуда низ нақш мебозанд (*нигаред ба диаграммаи 27*). Ҷолиб он аст, ки фоизи каме бештари духтарон (43%) нисбат ба писарон (39%) мавзӯи дӯстдоштаи худро омили калидӣ барои омӯзиш муайян карданд, дар ҳоле ки бештари

писарон (33%) нисбат ба духтарон (29%) ҳарорати синфро омили ҳалкунанда номиданд (*нигаред ба диаграммаи 28*).

Таҳлил нишон медиҳад, ки мавҷудияти фанни дӯстдошта барои хонандагони синфи 7 (47%) нисбат ба хонандагони синфҳои болоӣ омили таъсирбахштар аст. Баръакси ин, дурнамои хонандагон вобаста ба омилҳои боқимонда дар тамоми синфҳои таҳлилшуда мувофиқ буданд (*нигаред ба диаграммаи 29*).

***Диаграммаи 27. Омилҳои асосии омӯзиш барои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ***




***Диаграммаи 28. Омилҳои асосии омӯзиш барои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ аз рӯи ҷинс***



*Диаграммаи 29. Омилҳои асосии омӯзиши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ аз рӯи синфҳо*




## ТАШКИЛИ ҶОЙ

Мувофиқи воситаҳои ПИМ СҲИР якчанд навъҳои усулҳои таълим ва услубҳои омӯзиш мавҷуданд (нигаред ба расми 1)

***Расми 4. Навъҳои усулҳои таълим ва услубҳои омӯзиш мутобиқи СҲИР***

| | |
|---|---|
|  | **Намуди A - Презентатсия:**<br>Нақшае, ки ҷобаҷогузории мебели синф, ки дар он дастурдиҳӣ/презентатсияи возеҳро ба тамоми хонандагон баргузор менамояд. |
|  | **Намуди B - Гурӯҳ:**<br>Нақшае, ки дар он хонандагон дар гурӯҳҳо фаъолият намуда, ҳамкорӣ мекунанд, мубодилаи афкор мекунанд ва ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд. |
|  | **Намуди C – Фардӣ (индивидуалӣ):**<br>Нақшае, ки кори мустақилонаи хонандагонро ҳангоми навиштан, хондан, таҳқиқ кардан, фикр кардан, мулоҳиза кардан таъмин менамояд. |
|  | **Намуди D – Омӯзиши гурӯҳӣ:**<br>Нақшае, ки дар он таълим аз ҷониби ду (ё зиёда) омӯзгорон ба роҳ монда мешавад ва онҳо бо хонандагон ҳамкорӣ мекунанд. |

Пурсиш нишон медиҳад, ки таълими мустақими анъанавӣ (Намуди A) дар Тоҷикистон бартарият дорад, 42%-и хонандагон ва 32%-и омӯзгорон аз истифодаи

ҳамарӯзаи он гузориш додаанд. Таълими инфиродӣ ва гурӯҳӣ кам ба амал меоянд. Бо вуҷуди ин, таълими гурӯҳҳои хурд бештар маъмул аст, ки онро тақрибан 43%-и хонандагон ва 46%-и омӯзгорон дар як моҳ на камтар аз 1 то 3 маротиба истифода мебаранд (*нигаред ба диаграммаи 30*). Ҷолиб он аст, ки тақрибан нисфи хонандагон (48%) изҳор доштанд, ки онҳо дар бораи сохти ҳозираи синфҳои худ чизеро тағйир намедиҳанд ва дар он ҷо мемонанд, дар ҳоле танҳо 16%-и хонандагон ба ҷойҳои наздиктаре, ки ба эҳтиёҷоти онҳо мувофиқтаранд, мекӯчиданд (*нигаред ба диаграммаи 31*).

***Диаграммаи 30. Навъи усулҳои таълим ва услубҳои омӯзиш***




***Диаграммаи 31. Ҷойгиркунии мизу курсӣ***




Омӯзгорон ҳангоми эҷоди фазои тағйирпазири омӯзиш бо монеаҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва аксарияти онҳо гузориш медиҳанд, ки аз нав ба тартиб даровардани мебел пеш аз (72%) ё дар давоми дарсҳо (79%) осон нест. Мушкилӣ дар ҷунбондани технология,

ба монанди проекторҳо ва тахтаҳои синф (80%), ба мутобиқсозии тарҳҳои синфхонаҳо монеа эҷод мекунад (*нигаред ба диаграммаи 32*).

Дар натиҷаи ин мушкилот шумораи зиёди омӯзгорон тарҳи синфхонаҳои худро барои фаъолиятҳои гуногун каме ё ҳеҷ гоҳ тағйир намедиҳанд (63%) ё ҳаракати хонандагонро дар фазои омӯзиш дар давоми дарсҳо (72%) пешбарӣ мекунанд (*нигаред ба диаграммаи 33*).

***Диаграммаи 32. Имконияти интиқоли мебел***




***Диаграммаи 33. Фосилаи азнавсозии мебел***



## Таҳлили тағйирёбандаҳо

Таҳлили тағйирёбанда вобаста ба муқоисаи услубҳои ҷойгиркунии фазо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ баъзе фарқиятҳоро ошкор мекунад. Дар ҳоле тартиботи Намуди А, ки дар он омӯзгорон бевосита дастур медиҳанд, дар ҳар ду муассисаи таълимӣ навъи бартаридоштаи таълим аст, аммо муассисаҳои назоратӣ қабули таълими гурӯҳиро каме баландтар мебинанд: 47%-и омӯзгорон ҳадди ақал ҳар моҳ онро дар муқоиса бо 38% дар муассисаҳои лоиҳавӣ истифода мебаранд (*нигаред ба диаграммаи 34*). Таҳлил ҳеҷ гуна тафовути ҷиддии афзалияти ҷойгиршавии мизу курсиро дар ҳамаи синфҳо ошкор накардааст. Дар баробари ин, Намуди А пайваста тарҳи аз ҳама бартаридошта ва истифодашуда мебошад (*нигаред ба диаграммаи 35*).

Агар дар бораи афзалиятҳои хонандагон вобаста ба ташкил намудани ҷойҳои таълим сухан ронем, тақрибан нисфи хонандагони муассисаҳои назоратӣ (48%), ба монанди хонандагони муассисаҳои лоиҳавӣ, изҳор доштанд, ки онҳо мизу курсиро иваз намекунанд ва дар синфхонаи ҳозираи худ мемонанд (*нигаред ба диаграммаи 36*).

Илова бар ин, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ ва лоиҳавӣ ҳам пеш аз (68% ва 72%) ва ҳам дар давоми дарс (76% ва 79%) ҷиҳати аз нав гузоштани мизу курсӣ бо мушкилоти муқоисашаванда рӯ ба рӯ мешаванд (*нигаред ба диаграммаҳои 37 ва 38*).

***Диаграммаи 34. Навъи усулҳои таълим ва услубҳои омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ***



*Диаграммаи 35. Навъи усулҳои таълим ва услубҳои омӯзиш аз рӯи синфҳо*




*Диаграммаи 36. Ҷо ба ҷогузории мебел аз ҷониби хонандагон*



***Диаграммаи 37. Имконияти ҷо ба ҷогузории мизу курсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ***




***Диаграммаи 38. Имконияти ҷо ба ҷогузории мизу курсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз рӯи ҷинс***



## ШАРОИТИ МУСОИД

Ҳарорати муътадил, ҳавои тоза ва равшанӣ омилҳои муҳими саломатӣ ва муваффақият барои хонандагон мебошанд. Маълумоти пурсиш нишон медиҳанд, ки дар фасли зимистон қисми назарраси ҳам омӯзгорон (44%) ва ҳам хонандагон (40%) дар аксарияти ҳуҷраҳои муассисаи таълимӣ бештари вақт худро аз ҳад хунук ҳис мекунанд. Ҳарорати тобистон каме бароҳаттар аст, аммо ба ҳар ҳол 37%-и омӯзгорон ва 31%-и хонандагон гузориш медиҳанд, ки дар синфхонаҳояшон худро аз ҳад гарм ҳис мекунанд (*нигаред ба диаграммаҳои 39 ва 40*). Илова бар ин, аксарияти хонандагон (74%) дар вақти боридани борон хеле кам ё ҳеҷ гоҳ ба паноҳгоҳи берунӣ дар майдони муассисаи таълимӣ дастрасӣ надоранд (*нигаред ба диаграммаи 41*).

***Диаграммаи 39. Ҳарорат дар синфхона дар фасли зимистон***




***Диаграммаи 40. Ҳарорат дар синфхона дар фасли тобистон***



***Диаграммаи 41. Ҷойҳои паноҳгоҳ берун аз бинои таълимӣ дар ҳудуди муассиса***




Аксарияти омӯзгорон ва хонандагон дар бораи шароити бароҳати равшанӣ гузориш доданд. Танҳо каме бештар аз 10% дар давоми рӯз синфхонаҳоро хеле торик меҳисобанд (*нигаред ба диаграммаи 42*). Ба ҳамин монанд, дар бораи бӯи ногувор дар аксарияти синфхонаҳо фоизи ками ҳам хонандагон (15%) ва ҳам омӯзгорон (14%) гузориш доданд (*нигаред ба диаграммаи 43*). Бо вуҷуди ин, аксарияти омӯзгорон (76%) изҳор доштанд, ки онҳо наметавонанд ҳавогузариро дар синфхонаҳои худ назорат кунанд, гарчанде ки аксарияти онҳо метавонанд тирезаҳоро кушоянд (*нигаред ба диаграммаи 44*).

***Диаграммаи 42. Сифати равшанӣ дар синфхонаҳо***




***Диаграммаи 43. Сифати ҳаво дар синфхонаҳо***



*Диаграммаи 44. Назорати ҳарорат дар синфхонаҳо*




Садои беруна ба муҳити таълим таъсири назаррас мерасонад. Зиёда аз се ду ҳиссаи хонандагон (73%) ва шумораи зиёди омӯзгорон (66%) дар бораи халалдоршавӣ дар синфхонаҳои гуногун хабар медиҳанд. Илова бар ин, қисми зиёди омӯзгорон (63%) ҳангоми таълим бо садоҳо дар дохили синф парешон мешаванд (*нигаред ба диаграммаи 45*).

Намоёнии тахтаи сафед низ ташвишовар аст, зеро камтар аз нисфи хонандагон (48%) дар аксарияти синфхонаҳо онро равшан мебинанд. Ғайр аз он, дастрасӣ ба таҷҳизоти муҳими презентатсия ба монанди проекторҳо маҳдуд аст ва 83%-и хонандагон дар бораи набудани он хабар доданд (*нигаред ба диаграммаи 46*). Ниҳоят, бароҳатӣ ва ихтиёрии хонандагон дар бораи нишастани онҳо вуҷуд надорад. Сеяки хонандагон (33%) курсиҳои худро нороҳат ва тақрибан нисфи онҳо (48%) курсӣ ва мизҳои худро танзим карда наметавонанд (*нигаред ба диаграммаи 47*).

*Диаграммаи 45. Дарки акустикӣ дар синфхонаҳо*



*Диаграммаи 46. Сатҳи намоёнӣ дар синфхона*




*Диаграммаи 47. Бароҳатии курсиҳо ва мизҳо*




## Таҳлили тағйирёбандаҳо

Таҳлили тағйирёбандаҳо вобаста ба муқоисаи муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ ҷиҳати бароҳатии ҳарорат баъзе фарқиятҳоро ошкор мекунад. Дар фасли зимистон фоизи камтари омӯзгорон (34%) дар муассисаҳои назоратӣ гузориш доданд, ки дар аксарияти хуҷраҳо дар муқоиса бо муассисаҳои лоиҳавӣ хунукии хеле баландро ҳис мекунанд, дар ҳоле ки фоизи хонандагони хунукиро ҳискарда ба ин шабеҳ буд (38%). Хонандагони муассисаҳои на он қадар калон бо эҳтимолияти зиёд гузориш доданд, ки дар давоми фасли зимистон дар тамоми муассисаашон гармии кофиро эҳсос карда буданд ва 30% изҳор доштанд, ки онҳо ҳеҷ гоҳ худро аз ҳад хунук ҳис накардаанд. Ин дар муқоиса бо муассисаҳо бо андозаи миёна, ки дар он 25%-и хонандагон дар ин бора гузориш додаанд ва муассисаҳои бо андозаи калон, ки танҳо 21% дар ин бора гузориш додаанд, мухолифат мекунад (*нигаред ба диаграммаҳои 48 ва 49*).

Баръакс, дар фасли тобистон фоизи бештари омӯзгорон (41%) ва хонандагон (46%) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ дар муқоиса бо ҳамтоёни худ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ дар баъзе хуҷраҳо гармии аз ҳад зиёдро ҳис карданд. Баррасии маълумот аз назари андозаи муассисаи таълимӣ ягон фарқияти назаррасро ошкор накард (*нигаред ба диаграммаҳои 50 ва 51*).

*Диаграммаи 48. Ҳарорати синфхона дар фасли зимистон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*




*Диаграммаи 49. Ҳарорати синфхона дар фасли зимистон вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ*




*Диаграммаи 50. Ҳарорати синфхона дар фасли тобистон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ*



*Диаграммаи 51. Ҳарорати синфхона дар фасли тобистон вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ*




Дарки хонандагон дар бораи равшанӣ дар синфхонаҳо ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва ҳам назоратӣ мувофиқанд. Фоизи кам (ҳамагӣ тақрибан 10%) дар ҳар ду гурӯҳ равшаниро хеле торик мешуморанд, дар ҳоле ки аксарияти (84%) дар ҳар ду гурӯҳ онро тақрибан дуруст мешуморанд (*нигаред ба диаграммаи 52*).

Бо вуҷуди ин, дар фикрҳои онҳо ҷиҳати сифати ҳаво фарқияти ночиз вуҷуд дорад: қисми зиёди хонандагони муассисаҳои назоратӣ (55%) дар муқоиса бо хонандагони муассисаҳои лоиҳавӣ дар бораи набудани бӯи ногувор хабар медиҳанд (*нигаред ба диаграммаи 53*).

*Диаграммаи 52. Сифати равшанӣ дар синфхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ*



*Диаграммаи 53. Сифати равшанӣ дар синфхонаҳо аз рӯи ҳаҷми муассисаи таълимӣ*




*Диаграммаи 54. Сифати ҳаво дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ*



*Диаграммаи 55. Сифати ҳаво вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ*




Қобили зикр аст, ки фоизи бештари хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ (75%) гузориш доданд, ки курсиҳои онҳо дар муқоиса бо хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ (67%) бароҳатанд. Бо вуҷуди ин, қисми зиёди хонандагони ҳар ду гурӯҳ қобилияти интихоб ё танзим кардани курсӣ ва мизи худро надоранд: 48% дар муассисаҳои лоиҳавӣ ва 40-42% дар муассисаҳои назоратӣ (*нигаред ба диаграммаи 56*). Ҳарчанд таҳлил нишон медиҳад, ки бароҳатии курсиҳо аз ҳаҷми муассисаи таълимӣ вобаста нест, аммо ҷолиб он аст, ки муассисаҳои таълимии калонтар ба назар чунин менамуданд, ки ба хонандагон дар интихоби курсӣ ё мизи худ мустақилияти бештар пешниҳод мекунанд, чӣ тавре ки фоизи бештари ҷавобҳо нишон медиҳад.

*Диаграммаи 56. Бароҳатии курсиҳо/мизҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ*



*Диаграммаи 57. Бароҳатии курсиҳо/мизҳо вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ*




## ТЕХНОЛОГИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Мавҷудияти технологияҳои муосир барои дастгирии таҳсилоти хонандагон ва рушди устувори онҳо муҳим аст. Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои пурсиш нишон медиҳанд, ки аксарияти омӯзгорон аз нарасидани технологияҳои муосири муҳим, аз ҷумла тахтаҳои интерактивӣ ё экран (75%), проекторҳо (81%), ноутбукҳо дар муассисаи таълимӣ (80%), компютерҳои мизи корӣ (70%) ва планшетҳо (90%) хабар додаанд. Дастрасӣ ба Интернет низ як мушкилии ҷиддӣ аст, зеро бисёре аз омӯзгорон қайд карданд, ки дастрасӣ ба Интернет тавассути тарзи бесим (85%) ва ноқилӣ (87%) мавҷуд нест. Қобили зикр аст, ки нисфи омӯзгорон (50%) дар бораи мавҷудияти нуқтаҳои пуркунии дастгоҳҳои электронӣ дар муассисаҳои таълимии худ хабар доданд (*нигаред ба диаграммаи 58*).

Аммо ҳатто дар муассисаҳое, ки технологияҳои муосир мавҷуданд, истифодаи мунтазами онҳо аз ҷониби омӯзгорон дар сатҳи паст аст. Пурсиш нишон дод, ки танҳо 24%-и омӯзгорон на камтар аз як маротиба аз тахтаи интерактивӣ ё экрани истифода мебаранд, 22%-и омӯзгорон ҳар ҳафта аз проекторҳо истифода мебаранд ва танҳо 28% компютерҳои мизи кории худро на камтар аз як маротиба дар як ҳафта истифода мебаранд (*нигаред ба диаграммаи 59*).

Илова бар ин, ҷалби хонандагон ба технология барои омӯзиши муштарак хеле кам аст, зеро танҳо як қисми ками хонандагон (21%) ва омӯзгорон (29%) барои презентатсия ё гузоришҳо аз технология истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, технология бештар барои вазифаҳои хонагӣ истифода мешавад: 46% хонандагон дар бораи истифодаи он ва 46% дигар барои иҷрои вазифаҳои эҷоди малакаҳо гузориш доданд. Илова бар ин, 81% хонандагон онро барои ҳамкорӣ бо хонандагони муассисаҳои таълимии дигар ва 92% бо хонандагони кишварҳои дигар хеле кам ё ҳеҷ гоҳ истифода намебаранд. Ин маълумотҳо зарурати фаврии беҳтар кардани ҳам дастрасӣ ва ҳам ҳамгироии самараноки технологияҳои муосирро барои дастгирии таҳсилоти хонандагон ва рушди устувор таъкид мекунанд (*нигаред ба диаграммаи 60*).

*Диаграммаи 58. Мавҷудияти технологияҳо*




*Диаграммаи 59. Басомади истифодаи технология*



*Диаграммаи 60. Давомнокии истифодаи технологияҳо барои иҷрои вазифаҳо*



## Таҳлили тағйирёбандаҳо

Муқоисаи муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ норасоии пайвастаи технологияҳои лозимаро нишон медиҳад. 74%-и омӯзгорони ҳар ду гурӯҳҳои муассисаҳои таълимӣ гузориш доданд, ки дастрасиро ба Интернет надоранд. Норасоии технологияҳои дигар низ ҳамин гуна буд, аз ҷумла планшетҳо (90% дар ҳарду навъ), компютерҳои фардӣ (70% ва 60%) ва проекторҳо (81% ва 78%) (*нигаред ба диаграммаи 61*). Тақсимот вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ нишон медиҳад, ки технологияҳои муосир ба монанди экрани интерактивӣ, проектор, ноутбукҳо ё планшетҳо дар ҳеҷ яке аз се категорияи муассисаҳои таълимӣ ба таври назаррас мавҷуд набуданд (*нигаред ба диаграммаи 62*).

Ғайр аз он, истифодаи ками технологияҳои мавҷуда аз ҷониби омӯзгорон хусусияти муштарак аст. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ танҳо як қисми ками омӯзгорон хабар доданд, ки аз планшетҳо (17%), компютерҳои фардӣ (21%) ё проектор (12%) ҳадди аққал ду маротиба дар як ҳафта истифода мебаранд, ки ин нишондиҳандаи пасти истифода дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавиро инъикос мекунад (*нигаред ба диаграммаи 63*).

***Диаграммаи 61. Мавҷудияти технологияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ***



*Диаграммаи 62. Мавҷудияти технологияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ*



*Диаграммаи 63. Давомнокии истифодаи технологияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ*




Таҳлил фарқияти ҷиддиеро дар мавриди истифодаи технология аз тарафи хонандагон байни муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ ошкор накард. Фоизи шабеҳи хонандагони муассисаҳои таълимии назоратӣ (25%) ва муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ (21%) бо истифода аз ин технологияҳо презентатсия ё ҳисобот омода мекунанд. Ғайр аз он, хонандагони ҳар ду гурӯҳи муассисаҳои таълимӣ бештар технологияро барои иҷрои вазифаи хонагӣ (59%) ва такрори малака (51%) истифода мебаранд (*нигаред ба диаграммаи 64*). Қобили зикр аст, ки таҳлил, инчунин фарқияти ҷиддии ҷинсиро дар истифодаи технология нишон надод (*нигаред ба диаграммаи 65*).

*Диаграммаи 64. Давомнокии истифодаи технология барои иҷрои супоришҳои таълимӣ*



*Диаграммаи 65. Басомади истифодаи технология барои иҷрои супоришҳои таълимӣ, аз рӯи ҷинс*



*Диаграммаи 66. Басомади истифодаи технология барои иҷрои супоришҳои таълимӣ, аз рӯи синфҳо*



## БЕХАТАРИИ ФИЗИКӢ, ЭМОТСИОНАЛӢ ВА НЕКУАҲВОЛӢ

Нигарониҳо дар бораи бехатарии бинои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳам дар байни омӯзгорон ва ҳам хонандагон маъмуланд: 62%-и омӯзгорон ва 54%-и хонандагон аз эҳсоси бехатар набудан хабар доданд. Ин нигаронӣ дар байни омӯзгорон каме бештар зоҳир мешавад: 56%-и омӯзгорон дар муқоиса бо 49%-и хонандагон худро дар маҷмӯъ хатарнок ҳис мекунанд (*нигаред ба диаграммаи 67*). Ғайр аз бехатарӣ, пурсиш мавҷуд набудани шароити мусоиди ибтидоиро муайян кард: аксарияти хонандагон (83%) гузориш доданд, ки ба макони нигоҳдории ашёҳои худ дастрасӣ надоранд (*нигаред ба диаграммаи 68*) ва аксарияти омӯзгорон (79%) дар бораи мавҷуд набудани минтақа барои истироҳат ва барқароршавӣ дар дохили муассисаи таълимӣ қайд карданд (*нигаред ба диаграммаи 69*).

***Диаграммаи 67. Бехатарӣ дар муассисаи таълимӣ***




***Диаграммаи 68. Мавҷудияти ҷой барои гузоштани ашёҳои шахсии хонандагон***




***Диаграммаи 69. Мавҷудияти ҷой барои истироҳати омӯзгорон***




Каме бештар аз сеяки омӯзгорон (35%) хабар доданд, ки дар давоми дарсҳо дар дохили биноҳои муассиса худро каме бехатар ҳис мекунанд ва ҳамин гуна фоиз (36%) низ пас аз дарсҳо ҳам дар дохил ва ҳам берун аз муассиса худро хатарнок ҳис мекунанд (*нигаред ба диаграммаи 70*). Аксарияти назарраси хонандагон (65%) ҳангоми истифодаи

ҳоҷатхона дар дохили бинои муассисаи таълимӣ ё берун аз он хеле кам ё ҳеҷ гоҳ худро бехатар ҳис намекунанд. Илова бар ин, зиёда аз нисфи хонандагон (57%) хабар доданд, ки худро дар фазоҳои омӯзишӣ дар муассиса хатарнок ҳис мекунанд (*нигаред ба диаграммаи 71*).

***Диаграммаи 70. Бехатарии омӯзгорон дар давом ва пас аз дарс***




***Диаграммаи 71. Бехатарии хонандагон дар мавзеъҳои муассисаи таълимӣ***




## Таҳлили тағйирёбандаҳо

Муқоисаи бехатарии эмотсионалӣ, физикӣ ва некӯаҳволии байни муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ фарқияти назаррасро нишон медиҳад. Ҳам хонандагон (49%) ва ҳам омӯзгорон (56%) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ гузориш доданд, ки дар муқоиса бо хонандагон (36%) ва омӯзгорон (34%) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ худро хеле камтар бехатар ҳис мекунанд. Ин нобаробарӣ мумкин аст ба сохтмони давомдор дар муассисаҳои лоиҳавӣ алоқаманд бошад, ки боиси дарки бинои хатарноки муассисаи таълимӣ дар байни хонандагон ва омӯзгорон мегардад (*нигаред ба диаграммаи 72*).

Дар мавриди мавҷудияти фазоҳои фардӣ ва касбӣ вазъият ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва ҳам назоратӣ монанд аст. Аксарияти хонандагон (73%) дар бораи набудани ҷойҳо барои гузоштани ашё хабар доданд ва аксарияти омӯзгорон, (74%) инчунин набудани минтақаи истироҳат ва барқароршавиро дар дохили муассисаи таълимӣ қайд карданд (*нигаред ба диаграммаҳои 73 ва 74*).

***Диаграммаи 72. Бехатарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ***




***Диаграммаи 73. Мавҷудияти ҷой барои гузоштани ашёҳои шахсии хонандагон***




***Диаграммаи 74. Мавҷудияти ҷой барои истироҳати омӯзгорон***




Тафовути назаррас дар бехатарии даркшуда дар робита бо иншооти ҳоҷатхона вуҷуд дорад ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ худро нисбат ба

муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ба таври назаррас бехатар ҳис мекунанд (танҳо 54% дар муқоиса бо 65%) (*нигаред ба диаграммаи 75*).

Бо вуҷуди ин, ҳангоми баррасии дарки умумии бехатарӣ аз рӯи ҷинс, таҳлил фарқияти назаррасро нишон надодааст. Таносуби якхелаи духтарон (59%) ва писарон (60%) гузориш доданд, ки худро дар ҳоҷатхонаҳои муассисаи таълимӣ хатарнок ҳис мекунанд ва фоизи якхела (51%) аз ҳар ду ҷинс худро дар фазоҳои омӯзишӣ хатарнок ҳис кардаанд (*нигаред ба диаграммаи 76*).

***Диаграммаи 75. Бехатарии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ***




***Диаграммаи 76. Бехатарии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва назоратӣ, аз рӯи ҷинс***



## ҚАНОАТМАНДИИ УМУМӢ

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ қаноатмандӣ аз фазои омӯзишӣ ба таври назаррас пасттар аст ва аксарияти ҳам омӯзгорон (63%) ва ҳам хонандагон (59%) изҳори норозигӣ мекунанд. Баръакс, омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии назоратӣ дар бораи қаноатмандии бештар гузориш доданд. Директорони муассисаҳо ҳам дар муассисаҳои таълимии лоиҳавӣ (29%) ва ҳам муассисаҳои таълимии назоратӣ (31%) сатҳи мӯътадили қаноатмандии умумиро нишон доданд (*нигаред ба диаграммаи 77*).

Баррасии қаноатмандӣ аз рӯи ҷинс тафовути назаррасро нишон надодааст. Фоизи тақрибан баробари писарон (35%) ва духтарон (37%) дар бораи қаноатмандии умумӣ аз фазои таълимии муассисаашон гузориш доданд (*нигаред ба диаграммаи 78*).

Вақте ки мо маълумотҳоро аз рӯи синфҳо (7-11) дида мебароем, мебинем, ки тақрибан нисфи хонандагон (50%) дар ҳар як синф аз фазои таълимии муассисаи худ изҳори норозигӣ кардаанд. Ҳангоми таҳлили ҳаҷми муассисаи таълимӣ фарқияти назаррас дар қаноатмандӣ ба назар мерасад. Нисфи директорон дар муассисаҳои хурд дар муқоиса бо 47% дар муассисаҳо бо ҳаҷми миёна ва 30% муассисаҳо бо ҳаҷми калон норозигӣ баён карданд. Аз тарафи дигар, қаноатмандии 41%-и хонандагон дар муассисаҳои калон хабар дода шуд, ки ин нисбат ба муассисаҳои миёна 4% ва нисбат ба муассисаҳои хурд 13% зиёд аст (*нигаред ба диаграммаҳои 79 ва 80*).

***Диаграммаи 77. Сатҳи қаноатмандии ҷойҳои омӯзишӣ***



*Диаграммаи 78. Сатҳи қаноатмандии хонандагон ва омӯзгорон аз рӯи ҷинс*




*Диаграммаи 79. Сатҳи қаноатмандии хонандагон вобаста ба синфҳо*



***Диаграммаи 80. Сатҳи қаноатмандии хонандагон вобаста ба ҳаҷми муассисаи таълимӣ***



# ТАВСИЯҲО ВА ХУЛОСАҲО

## ТАВСИЯҲО

Барои баррасии самараноки натиҷаҳои пурсиши истифодабарандаи муассисаи таҳсилоти умумӣ дар Тоҷикистон ва фароҳам овардани чаҳорчӯбаи сохторӣ барои беҳтарнамоӣ тавсияҳои зерин тавассути чаҳорчӯбаи RIGHT+ пешниҳод карда мешаванд. Ин чаҳорчӯбаи Бонки Умумиҷаҳонӣ як равиши ҳамаҷонибаро барои таҳия ва такмил додани муҳити физикии таълимӣ (МФТ) пешниҳод мекунад ва диққати махсусро ба ҷанбаҳои калидӣ, ба монанди устуворӣ, фарогирӣ, субот, саломатӣ, ба таълиму омӯзиш мусоидаткунанда ва татбиқи муассирро равон менамояд (*нигаред ба акси 2*).

***Расми 5. Чаҳорчӯбаи МФТ-и RIGHT+: 6 омил***




6 принсипи чаҳорчӯбаи RIGHT+ ба як қатор хусусиятҳо диққат медиҳад (*нигаред ба Расми 3*): аз риояи меъёрҳои сохтмон то истифодаи маълумот барои дастгирии қарорҳои сармоягузорӣ.

***Расми 6. Хусусиятҳои МФТ-и RIGHT+***

| МФТ-и устувор | МФТ-и фарогир | МФТ-и сабз | МФТ-и солим | МФТ-и ба таълиму омӯзиш мусоидаткунанда | + Татбиқи самаранок |
|---|---|---|---|---|---|
| • Макон бо дарназардошти хатар<br>• Риояи меъёрҳои сохтмон<br>• Коҳиш додани хатари офати табиӣ<br>• Барқароршавии устувор | • Дастрасӣ ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ<br>• Ҷанбаи хассос ба гендер<br>• Инфрасохтори дастрас | • Самаранокии истифодаи энергия<br>• Самаранокии истифодаи об<br>• Идоракунии партовҳо<br>• Сохтмони устувор | • Хидматрасониҳои асосии мувофиқ<br>• Сифати муҳити дохилӣ<br>• Хидматрасонии самаранок | • Иқтидори мувофиқ<br>• Таҷрибаи беҳтарини фазоӣ<br>• Мувофиқ ба педагогика<br>• Барои омӯзиш муҷаҳҳазгардида | • Давраи идоракунии инфрасохтор<br>• Равандҳои беҳтаркунии идоракунӣ<br>• Маълумоти инфрасохтори таълимӣ |

Ин хусусиятҳо дар таъмини муҳити физикии таълим, ки устувор, фарогир, сабз, солим, мусоидаткунанда ба таълиму омӯзиш ва самаранок мебошад, муҳиманд. Таҳлили дутарафаи маълумоте, ки аз ҷониби ПИМ ҷамъоварӣ шудааст ва ин хусусиятҳо ба як қатор тавсияҳои мақсаднок оварда мерасонанд ва бо бозёфтҳо тасдиқ карда мешаванд. Ин тавсияҳои RIGHT+ барои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи ҳамаҷониба, устувор ва боадолатро барои беҳтарнамоии муҳити таълимӣ бо истифода аз захираҳои лоиҳаи LEARN барои ноил шудан ба беҳтарнамоиҳои дарозмуддат дар натиҷаҳои ниҳои таълиму омӯзиш таъмин мекунанд.

**УСТУВОР: таҳкими инфрасохтор барои таъмини устувории дарозмуддати он**

Ин принсип ба сохтани МФТ-ҳои устувор, ки бехатарии ҳамаи истифодабарандагонро ҳифз намуда, пайвастагии равандҳои таълимиро таъмин мекунад, равона шудааст.

- **Азнавсозии инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ** барои муқовимат ба мушкилоти экологӣ ва баҳрабардорӣ бо истифода аз масолеҳи устувор, ба иқлим тобовар ва технологияи сохтмон, бо таваҷҷӯҳ ба муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ дар шароити фавқулодда, ки аз ҷиҳати сохтор хатарноканд ё дар ҳоли таъмир қарор доранд. Лоиҳаҳо бояд хатарҳои сейсмикӣ ва намунаҳои обу ҳавои маҳаллиро дар назар гиранд.
- **Кафолати дастрасии боэътимод ба хизматрасониҳои муҳими коммуналӣ**, ба монанди нерӯи барқ ва об тавассути сармоягузорӣ ба системаҳои эҳтиётӣ ва таъмини манбаъҳои устувори таъминот. Таҳияи нақшаҳои амал дар ҳолатҳои халалрасонӣ ба таъмини хидматрасонӣ бо мақсади таъмини муттасилии таълим барои муассисаҳои таҳсилоти умумии минтақаҳои дурдаст, осебпазир ё ба хатар тобовар.

**Асосноккунӣ:** Пурсиш иншоотҳои кӯҳнаро, ки ба фарсудашавӣ дучор мешаванд, таъкид мекунад, ки сохтани инфрасохтори устуворро барои таъмини фаъолияти дарозмуддат сарфи назар аз омилҳои табиӣ ё иҷтимоӣ-иқтисодӣ тақозо мекунад.

**ФАРОГИР: таъмини дастрасии баробар ба таълим**

Ин омил ба пешбурди МФТ-ҳои фарогир равона шудааст, ки ба ҳамаи хонандагон имкони дастрасӣ ба таълимро фароҳам меоранд.

- **Мутобиқсозии инфрасохтори муассисаи таълимӣ барои дастрасии ҳамагон** тавассути ворид кардани пандусҳо, ҳоҷатхонаҳои дастрас, дастқапакҳо ва технологияҳои ёрирасон. Ин навсозӣ бояд ба таври мунтазам татбиқ карда шавад, на танҳо дар он ҷое, ки хонандагони дорои маъюбият ҳоло хонда истодаанд, то ки муҳити воқеан фарогир ва пазироӣ дар муассисаи таълимӣ таъмин карда шавад.
- **Тарҳрезии муҳити омӯзишӣ, ки эҳтиёҷоти гуногуни хонандагонро инъикос мекунанд**, аз ҷумла минтақаҳои ором барои омӯзиши мутамарказ, тарҳҳои тағйирпазир барои ҳамкории гурӯҳӣ ва минтақаҳои мутобиқ ба эҳсосот. Ин гуногунӣ ба мутобиқ шудан бо профилҳои гуногуни маърифатӣ, эҳсосӣ ва иҷтимоии омӯзиш кӯмак мерасонад.
- **Амалӣ намудани тарҳҳои обтаъминкунӣ, санитария ва гигиена бо назардошти гендер**, ки махфият, шаъну шараф ва бехатариро, махсусан барои духтарони наврас, таъмин мекунанд. Он дорои иншооти алоҳидаи санитарии бехатар бо низоми партовҳои муносиб ва дастгирии гигиенӣ мебошад.

- **Ворид кардани иншооти идоракунии беҳдошти ҳайз (ИБҲ)** дар муассисаҳо таълимие, ки духтарони синфҳои болоӣ мехонанд, мумкин аст ба давомот ва нигоҳ доштани духтарон дар таҳсил таъсири мусбӣ расонанд.

**Асоснокқунӣ:** Маълумоти дар доираи пурсиш ҷамъоваришуда нобаробариро дар дастрасӣ ба захираҳо, махсусан барои хонандагони дорои маъюбият, муайян кард, ки зарурати таъмини муҳити фарогирро барои дастгирии аҳолии гуногуни хонандагон таъкид мекунад.

**САБЗ: Пешбурди фазои устувори мактаб**

Ин принсип ба таъмини МФТ-ҳои “сабз”, ки таъсири манфиро ба муҳити зист коҳиш медиҳанд, диққат медиҳад.

- **Таҳия ва фаъолгардонии фазоҳои берунаи омӯзишӣ**, аз ҷумла боғҳои муассисавӣ, ҷойҳои сояафкан барои нишаст ва минтақаҳои сабз, то ки табиат як ҷузъи фазои омӯзиши ҳаррӯза гардад. Ин самтҳо ба некӯаҳволии хонандагон, таълими амалии илмӣ ва устувориро ба тағйирёбии иқлим дастгирӣ мекунанд.

**Асоснокқунӣ:** Пурсиш дастрасии маҳдудро ба имкониятҳои асосӣ, ба монанди майдони майдони сабз ва ҳавлии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ қайд мекунад, ки имконияти ҳамгироии ҳалли сабзро ба миён меорад ва он бо ҳадафҳои рушди устувор мувофиқанд.

**СОЛИМ: Баланд бардоштани некӯаҳволии физикӣ ва эмотсионалӣ**

Ҳадафи ин омил таҳияи МФТ-ҳои солим мебошад, ки саломатӣ ва некӯаҳволии хонандагон ва омӯзгоронро муҳофизат ва дастгирӣ мекунанд.

- **Беҳтар намудани сифати ҳавои дохилӣ ва вентилятсия** тавассути насби тирезаҳое, ки бехатар кушода мешаванд ва тарҳрезии синфхонаҳое, ки ҳавогузарии дутарафаро доранд. Ҳавои тоза ба некӯаҳволии хонандагон мусоидат мекунад ва ҳам барои саломатӣ ва ҳам барои фаъолияти маърифатӣ муҳим аст.
- **Ҳалли масъалаҳои бароҳатии гармӣ** тавассути муҷаҳҳаз кардани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо системаҳои гармидиҳӣ ва хунуккунии мувофиқ, ки ба иқлими маҳаллӣ мувофиқанд. Ин, махсусан дар минтақаҳо бо зимистонҳои сард ё тобистони гарм муҳим аст, ки нороҳатӣ метавонад ба тамаркуз ва ҳузури хонандагон халал расонад.
- **Таъмини равшанӣ, овоз ва диди оптималӣ**, то ки ҳамаи хонандагон бубинанд, бишнаванд ва пурра иштирок кунанд. Диққат бояд ба ташкили нишастгоҳҳо, равшании тиреза ва ҷудоигузории садо дода шавад, то ки парешониро кам кунад.
- **Такмили инфрасохтори гигиенӣ** бо роҳи таъмини ҳоҷатхонаҳои тоза, аз рӯи ҷинс ҷудошуда, пойгоҳҳои боэътимоди дастшӯйӣ бо собун ва ҷадвалҳои мунтазами санитарӣ. Инҳо унсурҳои бебаҳс барои саломатии хонандагон мебошанд.
- **Таҳкими амнияти физикӣ ва эмотсионалӣ** тавассути беҳтар кардани равшанӣ, таъмини периметрҳо ва омӯзиши кормандон вобаста ба протоколҳои ҳифзи хонандагон. Муҳити бехатари муассисаи таълимӣ эътимодро афзоиш медиҳад, изтиробро коҳиш медиҳад ва натиҷаҳои беҳтари омӯзишро дастгирӣ мекунад.

- **Насби низомҳои доимии хидматрасонии техникӣ** бо ёрии аудитҳои сохтории иншоотҳо, буҷетҳои ҷудошуда ва кормандони омӯзонидашуда. Хидматрасонии проактивӣ муҳлати хизмати биноҳои муассисаро тамдид мекунад, аз бадшавии ҳолат пешгирӣ мекунад ва таъмири гаронбаҳоро коҳиш медиҳад, ҳамчунин он барои нигоҳдории муҳити бехатар ва функсионалӣ солҳои оянда кӯмак мекунад.

**Асоснокkунӣ:** Бозёфтҳои пурсиш вобаста ба сифати ғализи ҳаво, садо ва мушкилоти бехатарии эмотсионалӣ зарурати таъсиси муҳити солимтари муаасисаи таълимиро барои баланд бардоштани некӯаҳволии хонандагон ва омӯзгорон таъкид мекунанд.

**МУСОИДКУНАНДА БА ТАЪЛИМУ ОМӮЗИШ: беҳтарсозии муҳитҳои педагогӣ**

Ин омил ба ташаккули МФТ-ҳои мусоидкунанда, ки барои амалӣ гардидани равишҳои муассири таълим ва омӯзиш мусоидат мекунанд, нигаронида шудааст.

- **Аз нав тарҳрезии синфхонаҳо барои таъмини тағйирпазирии педагогӣ** имкон медиҳад, ки татбиқи шаклҳои гуногуни таълим ва омӯзиш, ҳам таълими анъанавӣ ва ҳам кори гурӯҳӣ, омӯзиши лоиҳавӣ ва ҳамкории байниҳамсолон истифода шаванд. Тарҳбандӣ бояд дорои хусусияти мутобиқшаванда бошад, бо мебелҳои ҷойивазшаванда ва хатти диди возеҳ.
- **Ворид кардани фазоҳои бисёрмақсаднок ва тағйирпазири омӯзиш** дар муассисаҳои таҳсилоти умумии нав сохташаванда ва бозсозишаванда, на танҳо дар синфхонаҳои таъйиноти умумӣ. Ин иқдом ба фароҳам овардани имконият барои татбиқи гуногуннавъи равишҳои педагогӣ дар муҳитҳои таълимӣ мусоидат менамояд.
- **Таҳияи муҳити махсуси омӯзишӣ** (масалан, фанҳои дақиқ, санъат) ва таҳияи стандартҳои ҳадди ақал барои онҳо бо мақсади дастгирии равишҳои гуногуни омӯзишӣ.
- **Ҷорӣ кардани мебели модулӣ ва ҳаракаткунанда** ҳамчун унсури асосии стандартҳои тарҳрезии синфхонаҳо барои имкон додани таълими тағйирпазир.
- **Муҷаҳҳаз кардани синфхонаҳо бо воситаҳои зарури технологии таълим,** аз қабили Интернети боэътимод, проекторҳои рақамӣ ва тахтаҳои синфии интерактивӣ барои дастгирӣ намудани усулҳои гуногуни омӯзиш ва таҷассуми дарс ба ҳаёт.
- **Сармоягузорӣ ба фазоҳои ёрирасон** ҳам барои хонандагон ва ҳам омӯзгорон (анбори бехатар, бино барои истироҳати кормандон, утоқҳои ором) ҷиҳати таъмини бехатарии равонӣ.

**Асоснокkунӣ:** Пурсиш ташкили ғайриоптималии фазо ва амалияи педагогикиро ошкор намуд, ки ба самаранокии таълим ва омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ халал мерасонанд.

**ТАТБИҚИ САМАРАНОК: ба тартиб даровардани иҷроиш ва мониторинг**

Ин омил ба таъмин намудани татбиқи муассир тавассути роҳи ҳалу механизмҳое тамаркуз мекунад, ки ба шабакаи инфрасохтори фарогир ва чаҳорчӯбаи сиёсӣ низ иртибот мегиранд.

- **Таҳия ва таъмини иҷрои дастурҳо ва стандартҳои возеҳи миллӣ** вобаста ба тарҳрезӣ, сохтмон ва нигоҳдории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷиҳати таъмини

муттасилӣ, бехатарӣ ва сифат дар тамоми минтақаҳо. Ин дастурҳо бояд ҳам ниёзҳои педагогӣ ва ҳам шароити муҳити зисти маҳаллиро инъикос кунанд.

- **Муқаррар намудани принсипҳои тарҳрезии ба истифодабаранда нигаронидашуда** барои лоиҳаҳои беҳтарсозии муассисаи таълимӣ, ки дар онҳо фикру мулоҳизаҳои мустақими омӯзгорон ва хонандагон дар раванди банақшагирӣ инъикос ёбанд.
- **Сармоягузорӣ ба рушди муттасили касбии** омӯзгорон, ки ба методҳои муосири педагогӣ ва ҳамгироии технологияҳои таълимӣ ва воситаҳои рақамӣ нигаронида шудаанд. Таъмини омӯзгорон бо малакаҳои муосир барои самаранокии беҳтарнамоии ҷисмонӣ ва мусоидат ба омӯзиши ба хонанда равонашуда нақши назаррас дорад.
- **Дастгирии омӯзиши омӯзгорон вобаста ба фазои таълимӣ**, кӯмак ба омӯзгорон дар тарҳрезӣ ва мутобиқсозии фазои омӯзишӣ барои мувофиқат ба ҳадафҳои гуногуни таълимӣ. Роҳбарияти муассисаи таълимӣ низ бояд дар омӯзиши фазои таълимӣ иштирок кунанд, то ба омӯзгорон дар истифода ва идоракунии самараноки фазоҳои таълимӣ кӯмак расонанд.
- **Омӯзиши роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ** вобаста ба идоракунӣ ва истифодаи муҳити физикӣ. Ба онҳо имкон додан, ки захираҳоро идора кунанд ва дар бораи истифодаи инфрасохтор қарорҳои асоснок қабул кунанд.
- **Таъсис додани низомҳои боэътимоди мониторинг ва арзёбӣ**, ки на танҳо ҳолати физикии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, балки инчунин натиҷаҳои ниҳоии педагогӣ ва некӯаҳволии такмили фазоро пайгирӣ мекунанд. Маълумот бояд дар равандҳои банақшагирӣ ва буҷетӣ дар назар гирифта шаванд.
- **Ворид кардани аудити бехатарӣ ва некӯаҳволӣ** ба арзёбии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо таваҷҷӯҳ ба ҳоҷатхонаҳо, нуқтаҳои даромадгоҳ ва омилҳои бароҳатӣ. Аз назарсанҷии сатҳи муассисаи таълимӣ барои ошкор кардани мушкилот ва роҳандозии сармоягузорӣ дар инфрасохтор истифода баред.
- **Нишондиҳандаҳои қаноатмандӣ** бояд ҳамчун ҷузъи чаҳорчӯбаи мониторинги сифати мактаб истифода шаванд, то таъсири воқеии сармоягузориҳо дар муҳити физикии таълимро дар дарозмуддат пайгирӣ намоянд.
- **Таҳияи стратегияи миллии инфрасохтори рақамӣ** барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо додани афзалият ба пайвастшавӣ ва дастрасии баробар дар тамоми минтақаҳо. Ба ҳамдигар мувофиқ кардани харидҳоиояндаи технология бо омӯзиши мақсадноки омӯзгорон вобаста ба ҳамгироии педагогии воситаҳои рақамӣ.
- **Ҷалб кардани истифодабарандагони муассисаҳо таҳсилоти умумӣ, падару модарон ва ҷомеа** дар лоиҳаҳои рушд ва таъмири муассисаи таълимӣ барои ташаккули ҳисси соҳибкорӣ, мувофиқ кардани лоиҳаҳо бо афзалиятҳои маҳаллӣ ва дастгирии устувории дарозмуддат тавассути масъулияти муштарак. Баррасӣ кардани равандҳои тарҳрезии муштарак.
- Мусоидат ба ҷалби волидайн ва ҷомеа дар **идоракунии иншооти муассисаи таълимӣ**.

**Асоснокқунӣ:** Маҳдудиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки дар ҳисоботи ҷорӣ зикр шудаанд, тавассути стратегияҳои мутобиқсозии воридкунӣ, ки барои таъсири лоиҳа устувор хоҳанд буд, бартараф карда мешаванд.

## ХУЛОСАҲО

Пурсиши истифодабарандаи муассисаи таҳсилоти умумӣ, ки дар доираи лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» (LEARN) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд, арзёбии ҳамаҷонибаи муҳити таълимро дар 65 муассисаи таҳсилоти умумии лоиҳавӣ ва 65 муассисаи таҳсилоти умумии назоратӣ дар чор минтақаи ҷумҳурӣ пешкаш намуд.

Таҳқиқот як қатор мушкилотро вобаста ба инфрасохтор ошкор кард ва натиҷаҳо тадбирҳои мақсаднокро барои беҳтарнамоии инфрасохтор, ташаккули муҳити фарогир ва муосиргардонии равишҳои таълимӣ ва омӯзишӣ талаб мекунанд. Тавсияҳои ин ҳисобот ба чунин мушкилот равона шуда, иқдомҳои мушаххасро пешниҳод менамоянд. Бо амалӣ кардани тавсияҳои чаҳорчӯбаи RIGHT+, Вазорати маориф ва илм метавонад дар самти таҳияи муҳити боз ҳам муассири омӯзиши физикӣ ва баробар дар муассисаҳои таҳсилоти умумии лоиҳавӣ қадамҳои устувор гузорад. Тавсия дода мешавад, ки ин пешниҳодҳо дар доираи корҳои сохтмонӣ ва таъмиру азнавсозӣ, ки дар доираи лоиҳаи LEARN иҷро карда мешаванд, ворид карда шаванд.

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ мумкин аст гузориши инфиродии муассисаи таълимӣ барои пешниҳоди дурнамои иловагӣ таҳия карда шавад. Чунин гузориши инфиродии муассиса мушкилоти ҳар як муассисаи таълимиро муайян мекунад ва ба омилҳои мушаххасе, ки ба таълим ва омӯзиш таъсир мерасонанд, равшанӣ меандозад. Ин маълумот метавонад барои тарҳрезӣ ва муайян кардани доираи корҳои бозсозӣ истифода шавад.

Бо ПИМ лоиҳаи LEARN муносибати байни тадбирҳои татбиқшуда (дар марҳилаи ибтидоӣ, миёна ва ниҳоӣ), амалияҳо ва андешаи баҳрагирандагони лоиҳаро арзёбӣ мекунад. Аз ин рӯ, ПИМ дар давоми лоиҳа ду маротибаи дигар гузаронида мешавад, яъне пурсишҳои баъдӣ дар миёна ва соли охири татбиқи лоиҳа гузаронида мешаванд, то ки тағйиротро дар дарки истифодабарандагони муассисаи таълимӣ муайян ва арзёбӣ кунанд, ки оё фикру мулоҳизаҳои онҳо дар лоиҳа ба назар гирифта шудааст ё не. Натиҷаҳои ПИМ ва дигар воситаҳои мониторинг тарҳрезӣ ва самаранокии тадбирҳои лоиҳаро муайян мекунанд ва ба ВМИ далелҳо вобаста ба он пешниҳод мекунанд, ки чӣ коре ҳангоми татбиқи Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар сатҳи миллӣ амалӣ гардонида шудааст.

Се нишондиҳандаи ҳадафҳои рушди лоиҳа вобаста ба татбиқи ПИМ инҳоянд: а) қаноатмандии омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз дастрасӣ ба иншооти об, санитария ва беҳдошт дар муассисаи таълимӣ; б) қаноатмандии истифодабарандагони муассисаи таълимӣ аз муҳити таълиму омӯзиш; в) қаноатмандии истифодабарандагони муассисаи таълимӣ аз муҳити таълиму омӯзиш вобаста ба ҷинси зан.

Хулоса, натиҷаҳои назарсанҷии охирини ПИМ ва ду марҳилаи минбаъдаи он ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонанд, то натиҷаҳои таълимии хонандагонро дар саросари кишвар беҳтар созад ва пешрафтҳои устуворро дар муҳитҳои таълим ва омӯзиш ба даст оварад.

## Рӯйхати адабиёти истифодашуда

- **Бонки Умумиҷаҳонӣ (соли 2023).** *Press Release: "Tajikistan: Education Outcomes to Improve with Support from New World Bank Project".*
  URL: https://www.worldbank.org/en/news/press-release/2023/02/23/tajikistan-education-outcomes-to-improve-with-support-from-new-world-bank-project
- **ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон (соли 2022).** *Report: "Achieving Universal Connectivity in the Education Sector of the Republic of Tajikistan"*
  URL: https://www.unicef.org/tajikistan/reports/achieving-universal-connectivity-education-sector-republic-tajikistan
- **ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон – дастрасӣ ба таҳсил.** *Program Overview Page*
  URL: https://www.unicef.org/tajikistan/access-education
- **ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон – сифат ва таҳсилоти фарогир**. *Program Overview Page*
  URL: https://www.unicef.org/tajikistan/quality-inclusive-education
- **Бонки Умумиҷаҳонӣ (Гузориши рушди ҷаҳонӣ ва омори маориф (World Development Report & Education Statistics)).** Data on learning-adjusted years of schooling and student reading performance.

# ЗАМИМАҲО

## ЗАМИМАИ 1. ИНТИХОБНОМАИ МУФАССАЛИ ПУРСИШ

| Вилоят | Шаҳр/ ноҳия | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № | Шумораи омӯзгорон | | | Шумораи хонандагон | | | Навъи муассисаи таълимӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | умумӣ | мард | зан | умумӣ | писар | духтар | |
| Суғд | Айнӣ | 24 | 42 | 23 | 19 | 636 | 335 | 301 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Айнӣ | 40 | 41 | 26 | 15 | 579 | 281 | 298 | Назоратӣ |
| Суғд | Деваштич | 51 | 44 | 4 | 40 | 562 | 267 | 295 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Деваштич | 14 | 38 | 11 | 27 | 402 | 191 | 211 | Назоратӣ |
| Суғд | Исфара | 63 | 42 | 4 | 38 | 736 | 339 | 397 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Исфара | 60 | 20 | 13 | 7 | 270 | 131 | 139 | Назоратӣ |
| Суғд | Истаравшан | 40 | 29 | 16 | 13 | 290 | 126 | 164 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Истаравшан | 46 | 42 | 16 | 26 | 701 | 322 | 379 | Назоратӣ |
| Суғд | Ҷ. Расулов | 17 | 70 | 7 | 63 | 1419 | 688 | 731 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Ҷ. Расулов | 1 | 63 | 37 | 26 | 1715 | 1069 | 646 | Назоратӣ |
| Суғд | Мастчоҳ | 10 | 27 | 25 | 2 | 467 | 256 | 211 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Мастчоҳ | 24 | 33 | 28 | 5 | 440 | 192 | 248 | Назоратӣ |
| Суғд | Панҷакент | 53 | 61 | 25 | 36 | 1031 | 535 | 496 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Панҷакент | 35 | 18 | 10 | 8 | 282 | 158 | 124 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Панҷакент | 60 | 28 | 16 | 12 | 364 | 192 | 172 | Назоратӣ |
| Суғд | Панҷакент | 116 | 21 | 15 | 6 | 185 | 82 | 103 | Назоратӣ |
| Суғд | Спитамен | 13 | 69 | 19 | 50 | 1239 | 598 | 641 | Лоиҳавӣ |
| Суғд | Спитамен | 33 | 70 | 38 | 32 | 1467 | 736 | 731 | Назоратӣ |
| Хатлон | А. Ҷомӣ | 1 | 56 | 10 | 46 | 1499 | 768 | 731 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | А. Ҷомӣ | 62 | 38 | 5 | 33 | 810 | 503 | 307 | Назоратӣ |
| Хатлон | Балҷувон | 7 | 17 | 11 | 6 | 207 | 105 | 102 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Балҷувон | 34 | 18 | 14 | 4 | 176 | 96 | 80 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Балҷувон | 4 | 33 | 20 | 13 | 552 | 274 | 278 | Назоратӣ |
| Хатлон | Балҷувон | 8 | 33 | 21 | 12 | 435 | 234 | 201 | Назоратӣ |
| Хатлон | Данғара | 56 | 46 | 14 | 32 | 1031 | 519 | 512 | Лоиҳавӣ |

| Вилоят | Шаҳр/ ноҳия | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № | Шумораи омӯзгорон | | | Шумораи хонандагон | | | Навъи муассисаи таълимӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | умумӣ | мард | зан | умумӣ | писар | духтар | |
| Хатлон | Данғара | 26 | 32 | 14 | 18 | 590 | 269 | 321 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Данғара | 2 | 68 | 17 | 51 | 2015 | 1040 | 975 | Назоратӣ |
| Хатлон | Данғара | 20 | 48 | 19 | 29 | 956 | 449 | 507 | Назоратӣ |
| Хатлон | Дӯстӣ | 10 | 63 | 13 | 50 | 1024 | 545 | 479 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Дӯстӣ | 11 | 44 | 26 | 18 | 850 | 419 | 431 | Назоратӣ |
| Хатлон | Фархор | 56 | 26 | 14 | 12 | 368 | 200 | 168 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Фархор | 39 | 48 | 20 | 28 | 647 | 321 | 326 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Фархор | 28 | 22 | 10 | 12 | 355 | 181 | 174 | Назоратӣ |
| Хатлон | Фархор | 53 | 34 | 17 | 17 | 387 | 198 | 189 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 5 | 32 | 12 | 20 | 555 | 279 | 276 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 8 | 57 | 34 | 23 | 1282 | 654 | 628 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 18 | 53 | 18 | 35 | 931 | 468 | 463 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 51 | 31 | 17 | 14 | 563 | 263 | 300 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 4 | 59 | 29 | 30 | 1244 | 643 | 601 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 7 | 77 | 45 | 32 | 1903 | 979 | 924 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 19 | 51 | 25 | 26 | 825 | 447 | 378 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ҳамадонӣ | 30 | 85 | 61 | 54 | 1865 | 960 | 905 | Назоратӣ |
| Хатлон | Чайҳун | 13 | 34 | 11 | 23 | 772 | 398 | 374 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Чайҳун | 15 | 36 | 17 | 19 | 1011 | 539 | 472 | Назоратӣ |
| Хатлон | Хуросон | 5 | 28 | 13 | 15 | 1297 | 734 | 563 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Хуросон | 14 | 49 | 29 | 20 | 1103 | 590 | 513 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ховалинг | 3 | 42 | 24 | 18 | 574 | 277 | 297 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ховалинг | 23 | 37 | 23 | 14 | 500 | 258 | 242 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ховалинг | 12 | 29 | 16 | 13 | 322 | 158 | 164 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ховалинг | 2 | 26 | 15 | 11 | 334 | 166 | 168 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ховалинг | 4 | 27 | 14 | 13 | 450 | 222 | 228 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ховалинг | 15 | 27 | 17 | 10 | 400 | 209 | 191 | Назоратӣ |

| Вилоят | Шаҳр/ ноҳия | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № | Шумораи омӯзгорон | | | Шумораи хонандагон | | | Навъи муассисаи таълимӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | умумӣ | мард | зан | умумӣ | писар | духтар | |
| Хатлон | Кӯлоб | 9 | 83 | 21 | 62 | 1313 | 677 | 636 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Кӯлоб | 53 | 102 | 22 | 80 | 2429 | 1259 | 1170 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Кӯлоб | 33 | 20 | 16 | 4 | 190 | 91 | 99 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Кӯлоб | 13 | 57 | 28 | 29 | 807 | 406 | 401 | Назоратӣ |
| Хатлон | Кӯлоб | 34 | 74 | 42 | 32 | 830 | 462 | 368 | Назоратӣ |
| Хатлон | Кӯлоб | 51 | 88 | 49 | 39 | 1340 | 665 | 675 | Назоратӣ |
| Хатлон | Муъминобод | 3 | 35 | 20 | 15 | 453 | 230 | 223 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Муъминобод | 14 | 39 | 27 | 12 | 578 | 304 | 274 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Муъминобод | 10 | 26 | 10 | 16 | 266 | 136 | 130 | Назоратӣ |
| Хатлон | Муъминобод | 25 | 20 | 11 | 9 | 226 | 109 | 117 | Назоратӣ |
| Хатлон | Панҷ | 31 | 29 | 7 | 22 | 592 | 296 | 296 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Панҷ | 29 | 17 | 9 | 8 | 234 | 102 | 132 | Назоратӣ |
| Хатлон | Шаҳритус | 5 | 51 | 16 | 35 | 601 | 288 | 313 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Шаҳритус | 48 | 35 | 16 | 19 | 410 | 205 | 205 | Назоратӣ |
| Хатлон | Темурмалик | 39 | 30 | 11 | 19 | 442 | 222 | 220 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Темурмалик | 5 | 41 | 21 | 20 | 870 | 480 | 390 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Темурмалик | 12 | 20 | 11 | 9 | 281 | 149 | 132 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Темурмалик | 3 | 41 | 12 | 29 | 708 | 358 | 350 | Назоратӣ |
| Хатлон | Темурмалик | 4 | 45 | 8 | 37 | 1012 | 524 | 488 | Назоратӣ |
| Хатлон | Темурмалик | 21 | 16 | 10 | 6 | 199 | 93 | 106 | Назоратӣ |
| Хатлон | Вахш | 3 | 70 | 15 | 55 | 1606 | 754 | 852 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Вахш | 18 | 43 | 22 | 21 | 1023 | 548 | 475 | Назоратӣ |
| Хатлон | Восеъ | 3 | 65 | 32 | 33 | 1416 | 727 | 689 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Восеъ | 22 | 79 | 21 | 58 | 1711 | 889 | 822 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Восеъ | 9 | 49 | 20 | 29 | 737 | 347 | 390 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Восеъ | 33 | 60 | 15 | 45 | 1133 | 561 | 572 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Восеъ | 38 | 45 | 13 | 32 | 551 | 261 | 290 | Лоиҳавӣ |

| Вилоят | Шаҳр/ ноҳия | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № | Шумораи омӯзгорон | | | Шумораи хонандагон | | | Навъи муассисаи таълимӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | умумӣ | мард | зан | умумӣ | писар | духтар | |
| Хатлон | Восеъ | 5 | 56 | 37 | 19 | 1010 | 520 | 490 | Назоратӣ |
| Хатлон | Восеъ | 16 | 47 | 24 | 23 | 639 | 331 | 308 | Назоратӣ |
| Хатлон | Восеъ | 23 | 61 | 32 | 29 | 1136 | 600 | 536 | Назоратӣ |
| Хатлон | Восеъ | 44 | 27 | 14 | 13 | 326 | 183 | 143 | Назоратӣ |
| Хатлон | Восеъ | 49 | 30 | 18 | 12 | 624 | 299 | 325 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ёвон | 15 | 34 | 13 | 21 | 763 | 388 | 375 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ёвон | 27 | 39 | 11 | 28 | 607 | 303 | 304 | Лоиҳавӣ |
| Хатлон | Ёвон | 3 | 28 | 10 | 18 | 709 | 361 | 348 | Назоратӣ |
| Хатлон | Ёвон | 46 | 30 | 11 | 19 | 489 | 254 | 235 | Назоратӣ |
| ВМКБ | Дарвоз | 12 | 15 | 11 | 4 | 111 | 61 | 50 | Лоиҳавӣ |
| ВМКБ | Дарвоз | 10 | 14 | 8 | 6 | 131 | 62 | 69 | Назоратӣ |
| ВМКБ | Роштқалъа | 9 | 24 | 3 | 21 | 192 | 108 | 84 | Лоиҳавӣ |
| ВМКБ | Роштқалъа | 29 | 18 | 5 | 13 | 104 | 53 | 51 | Лоиҳавӣ |
| ВМКБ | Роштқалъа | 12 | 34 | 11 | 23 | 330 | 148 | 182 | Назоратӣ |
| ВМКБ | Роштқалъа | 30 | 18 | 6 | 12 | 79 | 42 | 37 | Назоратӣ |
| ВМКБ | Рушон | 4 | 20 | 2 | 18 | 150 | 69 | 81 | Лоиҳавӣ |
| ВМКБ | Рушон | 5 | 22 | 8 | 14 | 120 | 59 | 61 | Назоратӣ |
| ВМКБ | Шуғнон | 40 | 22 | 10 | 12 | 215 | 121 | 94 | Лоиҳавӣ |
| ВМКБ | Шуғнон | 38 | 24 | 9 | 15 | 153 | 68 | 85 | Назоратӣ |
| НТҶ | Файзобод | 33 | 24 | 18 | 6 | 566 | 313 | 253 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Файзобод | 27 | 29 | 17 | 12 | 502 | 256 | 246 | Назоратӣ |
| НТҶ | Ҳисор | 44 | 25 | 17 | 8 | 443 | 232 | 211 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Ҳисор | 101 | 32 | 16 | 16 | 581 | 298 | 283 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Ҳисор | 102 | 15 | 5 | 10 | 295 | 145 | 150 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Ҳисор | 41 | 46 | 20 | 26 | 798 | 392 | 406 | Назоратӣ |
| НТҶ | Ҳисор | 92 | 35 | 16 | 19 | 583 | 262 | 321 | Назоратӣ |
| НТҶ | Ҳисор | 100 | 11 | 6 | 5 | 72 | 33 | 39 | Назоратӣ |

| Вилоят | Шаҳр/ ноҳия | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № | Шумораи омӯзгорон | | | Шумораи хонандагон | | | Навъи муассисаи таълимӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | умумӣ | мард | зан | умумӣ | писар | духтар | |
| НТҶ | Нуробод | 24 | 16 | 13 | 3 | 265 | 139 | 126 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Нуробод | 40 | 18 | 13 | 5 | 323 | 167 | 156 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Нуробод | 10 | 29 | 29 | 0 | 650 | 315 | 335 | Назоратӣ |
| НТҶ | Нуробод | 31 | 11 | 5 | 6 | 312 | 175 | 137 | Назоратӣ |
| НТҶ | Рашт | 15 | 22 | 21 | 1 | 424 | 216 | 208 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Рашт | 16 | 20 | 14 | 6 | 247 | 128 | 119 | Назоратӣ |
| НТҶ | Роғун | 21 | 12 | 10 | 2 | 179 | 88 | 91 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Роғун | 20 | 9 | 7 | 2 | 120 | 64 | 56 | Назоратӣ |
| НТҶ | Рӯдакӣ | 119 | 30 | 6 | 24 | 887 | 448 | 439 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Рӯдакӣ | 13 | 56 | 11 | 45 | 1601 | 883 | 718 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Рӯдакӣ | 12 | 50 | 21 | 29 | 1209 | 614 | 595 | Назоратӣ |
| НТҶ | Рӯдакӣ | 118 | 30 | 12 | 18 | 773 | 394 | 379 | Назоратӣ |
| НТҶ | Шаҳринав | 43 | 14 | 5 | 9 | 146 | 75 | 71 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Шаҳринав | 27 | 22 | 15 | 7 | 485 | 254 | 231 | Назоратӣ |
| НТҶ | Тоҷикобод | 9 | 28 | 25 | 3 | 396 | 194 | 202 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Тоҷикобод | 5 | 18 | 13 | 5 | 335 | 177 | 158 | Назоратӣ |
| НТҶ | Турсунзода | 59 | 61 | 3 | 58 | 954 | 491 | 463 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Турсунзода | 57 | 11 | 5 | 6 | 177 | 64 | 113 | Назоратӣ |
| НТҶ | Ваҳдат | 43 | 22 | 6 | 16 | 816 | 437 | 379 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Ваҳдат | 63 | 13 | 8 | 5 | 252 | 131 | 121 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Ваҳдат | 77 | 14 | 11 | 3 | 156 | 84 | 72 | Назоратӣ |
| НТҶ | Ваҳдат | 134 | 25 | 14 | 11 | 642 | 338 | 304 | Назоратӣ |
| НТҶ | Варзоб | 40 | 49 | 7 | 42 | 1012 | 509 | 503 | Лоиҳавӣ |
| НТҶ | Варзоб | 42 | 21 | 10 | 11 | 328 | 165 | 163 | Назоратӣ |

# ЗАМИМАИ 2. САВОЛНОМАҲОИ ПУРСИШ

**Саволнома барои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти умумӣ**

## ҚИСМИ 1: СОХТОР ВА ТАШКИЛИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

**C1** **Лутфан номи муассисаи таълимии худро пешниҳод менамудед:**

**C2** **Муассисаи таълимии шумо дар кадом кишвар ҷойгир аст:**

**C3** **Кишваре, ки муассисаи таълимии шумо дар он воқеъ аст, пешниҳод намоед?**
(Лутфан дар ҳар як сатр як катакро қайд кунед)

Муассисаи таълимии давлатӣ (Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ)
*(Ин муассисаест, ки мустақим ё ғайримустақим аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф, муассисаи давлатӣ ё шӯрои роҳбарикунандае, ки аз ҷониби ҳукумат таъин ё бо овоздиҳии ҷамъиятӣ интихоб шудааст, идора карда мешавад.)*
Муассисаи таълимии хусусӣ
*(Муассисаи таълимиест, ки бевосита ё бавосита аз ҷониби ташкилоти ғайриҳукуматӣ идора карда мешавад, масалан, иттифоқи касаба, ширкатҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилоти хусусӣ идора карда мешавад)*

**C4** **Тақрибан чанд фоизи маблағгузории умумии худро барои соли хониш, шумо аз сарчашмаҳои зерин мегиред?**
(Лутфан дар ҳар як сатр маблағи муфовиқро ворид кунед. Агар аз ин манбаъ маблағгузорӣ нашавад, 0 (сифр) нависед)

a) Давлатӣ (шуъбаҳои маҳаллӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва миллиро дар бар мегирад)
b) Пардохти маблағ барои таҳсили хонандагон аз ҷониби падару модарон пардохт карда мешавад
c) Ташкилотҳои хайриявӣ, фонди хайриявӣ, меросҳо, фондҳои сарпарастӣ, ҷамъоварии маблағ аз падару модарон
d) Дигар манбаъҳо

**C5** **Шумораи умумии хонандагон: дар ҳар як синф/сол дар муассисаи таълимӣ чанд нафар хонандагон ба қайд гирифта шудаанд?**

| | Ҳамагӣ | | |
|---|---|---|---|
| Синфи 7 | _________ | Писарон | _____ |
| Синфи 8 | _________ | Писарон | _____ |
| Синфи 9 | _________ | Писарон | _____ |
| Синфи 10 | _________ | Писарон | _____ |
| Синфи 11 | _________ | Писарон | _____ |

**C6** **Шумораи умумии омӯзгорон дар муассисаи таълимӣ?**

a) Воҳиди пурраи корӣ
b) Воҳиди нопурраи корӣ (се рӯз ё зиёда аз он)
c) Воҳиди нопурраи корӣ (камтар аз се рӯз)
d) Шумораи умумӣ

**C7** **Кадоме аз сифатҳои зеринро ҷамоате, ки муассисаи таълимии шумо дар он ҷойгир аст, дақиқтар муайян мекунад?**
(Танҳо як катакро интихоб кунед)
a) Деҳа, қишлоқ ё минтақаи деҳотӣ (бо аҳолии камтар аз 3 000 нафар) ☐
b) Шаҳраки хурд (аз 3 000 то 15 000 нафар аҳолӣ) ☐
c) Шаҳрак (аз 15 000 то 100 000 нафар аҳолӣ) ☐

d) Шаҳр (аз 100 000 то 1 000 000 нафар аҳолӣ) ☐
e) Шаҳри калон (бо зиёда аз 1 000 000 нафар аҳолӣ) ☐

## ҚИСМИ 2: МУҲИТИ ФИЗИКИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

**C8** **Дастрасии муассисаи таълимии шумо ба манбаҳои зерин:**
(Лутфан дар ҳар як сатр як катакро қайд кунед)

| | Ҳо | Не |
|---|---|---|
| a) Низоми таъминоти барқ<br>*Дастрасии мунтазам ва фаврӣ ба нерӯи барқ (масалан, пайвастшавӣ ба шабакаи барқӣ/шабакаи таъминоти барқ, шамол, об, генератори офтобӣ ва барқию сӯзишворӣ ва ғ.), ки истифодаи мувофиқ ва устувори инфрасохтори ТИК-ро барои мақсадҳои таълимӣ таъмин менамояд.* | ☐ | ☐ |
| b) Истифодаи Интернет бо мақсади таълимӣ<br>*Дастрасии Интернет, аз ҷумла барои хонандагон, ҷиҳати самаранокӣ ва сифати таҳсилот ва таълим. Дастрасӣ метавонад тавассути шабакаи пайвасти доимии камсуръат, пайвасти доимии тезсуръат ё тавассути шабакаи мобилӣ бошад.* | ☐ | ☐ |
| c) Истифодаи компютерҳо бо мақсади таълим ва омӯзиш<br>*Дастрасӣ бо компютерҳо барои гузаронидани курс ё иҷрои вазифаҳои мустақилонаи таълимӣ ва назоратӣ талаб карда мешавад. Дастрасӣ ба компютерҳо метавонад фаъолиятҳоеро дар бар гирад, ки бо истифода аз компютерҳо ё Интернет барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти иттилоотӣ бо мақсади таҳқиқот гузаронидан, омода намудани презентатсияҳо, иҷрои супоришҳои амалӣ ва гузаронидани таҷрибаҳо, паҳн кардани иттилоот ва иштирок дар мусоҳибаҳову форумҳои онлайнӣ бо мақсади таълиму омӯзиш. Компютерҳо: компютерҳои фардӣ, компютерҳои сайёр (масалан, ноутбукҳо ва нетбукҳо ва планшетҳо).* | ☐ | ☐ |
| d) Маҳдудияти нерӯи барқ (лимит) | ☐ | ☐ |

**C9** **Дастрасии муассисаи таълимии шумо ба манбаҳои зерин:**
(Лутфан дар ҳар як сатр як катакро қайд кунед)

| | Yes | No |
|---|---|---|
| a) дастраси ба таъминоти оби нӯшокӣ<br>*Дастрасии асосии таъиноти оби нӯшокӣ ҳамчун манбаи амалкунандаи оби нӯшокӣ дар дохили бино ё дар наздикии он ва мавҷуд будани нуқтаҳои обтаъминкунӣ барои ҳама истифодабарандагон дар соатҳои дарсӣ дастрас аст.* | ☐ | ☐ |
| b) иншооти асосии санитарӣ барои як ҷинс<br>*Иншооти санитарии асосӣ (ҳоҷатхона) ҳамчун иншооти санитарии амалкунанда муайян карда мешавад, ки барои писарон ва духтарон дар дохили бино ё дар наздикии бино ҷудо карда шудаанд.* | ☐ | ☐ |
| c) иншооти асосии дастшӯӣ<br>*Таҷҳизоти асосии дастшӯйӣ ҳамчун асбобҳои амалкунандаи дастшӯйӣ бо собун ва об таъмин мекунад, ки барои ҳама истифодабарандагони муассисаи таълимӣ дастрасанд.* | ☐ | ☐ |

**C10** **Оё муассисаи таълимии шумо дастрасӣ дорад:**
(Лутфан дар ҳар як сатр як катакро қайд кунед)

| | Yes | No |
|---|---|---|
| a) Воситаҳои инфрасохтори махсус барои хонандагони маъюб<br>*Иншоотҳои инфрасохтори махсус маънои ҳама гуна унсурҳои* | ☐ | |

*инфрасохтори сохташудаи ба муассисаҳои таълимӣ алоқамандро дорад, барои ҳамаи истифодабарандагон, аз ҷумла шахсони имконияташон маҳдуд, маъюбони дараҷаи гуногун дастрас аст, ки имконияти аз муассисаи мазкур истифода ва хориҷ шуданро медиҳад. Дастрасӣ маънои осонии истифодабариии мустақилонаи бино, воридшавӣ, эвакуатсия ва/ё иншооти он (ба монанди обтаъминкунӣ ва санитарӣ) аз ҷониби ҳамаи истифодабарандагони эҳтимолии бино бо кафолати саломатӣ, бехатарӣ ва беҳбудии инфиродӣ дар давоми он машғулиятҳоро дар бар мегирад.* ☐

**C11 Кадом қисми синфхонаҳои таълимӣ дар биноҳои зерин ҷойгиранд:**

a) Дар биноҳои муваққатӣ, ки 3 сол ва ё камтар аз он истифода мешаванд _____%
b) Дар биноҳои муваққатӣ, ки 4 сол ва бештар аз он истифода мешаванд _____%
c) Дар биноҳои ғайримуваққатӣ то 5 сол пеш сохта шудаанд _____%
d) Дар биноҳое, ки 6-10 сол пеш сохта шудаанд _____%
e) Дар биноҳое, ки 10 сол пеш сохта шуда, таъмир шудаанд _____%
f) Дар биноҳои аз 10 сол пеш сохта шуда, дар давоми ин 10 сол таъмир нашудаанд _____%
Ҳамагӣ 100 %

**Q12 Одатан синфхонаҳо / ҷойҳои таълимӣ чӣ гуна тақсим карда мешаванд?**
(Лутфан ҳарчӣ бештар вариантҳои барои муассисаи таълимии шумо мувофиқро қайд кунед)

a) Ба аксари омӯзгорон барои ҳама фанҳо як синфхона/ҷойи таълимӣ ҷудо карда мешавад ☐
b) Ба аксари омӯзгорон як синфхона/ҷойи таълимӣ барои фанни додашуда ҳадди ақќал як чоряк ҷудо карда мешавад (масалан, ҳуҷраи A барои забони англисӣ, ҳуҷраи C барои таърих) ☐
c) Аксари омӯзгорон синфхонаҳои гуногунро истифода мебаранд, ки барои фанҳои гуногун ва/ё соли хониш/синфҳо ҷудо карда шудаанд ☐
d) Аксари омӯзгорон ба таври муштарак дарс медиҳанд (дарси гурӯҳӣ) ва ба онҳо ҷойҳое ҷудо карда мешаванд, ки барои гурӯҳҳои калонтари як сол/синф пешбинӣ шудаанд ☐
e) Аксари омӯзгорон ба таври муштарак дарс медиҳанд (дарси гурӯҳӣ) ва ба онҳо ҷойҳое ҷудо карда мешаванд, ки барои гурӯҳҳои калонтари солҳои/синфҳои гуногун пешбинӣ шудаанд ☐

**C13 То чӣ андоза шумо бо изҳороти зерин дар бораи роҳбарият ва муҳити омӯзишии муассисаи таълимии худ розӣ ҳастед?**
(Лутфан дар ҳар як сатр як катакро қайд кунед)

| | Пурра розӣ | Розӣ | Норозӣ | Умуман – |
|---|---|---|---|---|
| a) Роҳбарияти муассисаи таълимӣ* ва омӯзгорон дар бораи таълим ва чӣ тавр беҳтар истифода бурдани фазои таълимӣ назари ягона доранд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| b) Роҳбарияти муассисаи таълимӣ* омӯзгоронро ташвиқ мекунанд, ки усулҳои гуногуни истифодабарии фазои таълимии дар мо мавҷудбударо таҷриба кунанд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| c) Тарҳрезии фазои таълимӣ ҳамкорӣ бо дигар омӯзгоронро дастгирӣ мекунад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| d) Тарҳрезии фазои таълимӣ истифодаи таҷрибаҳои омӯзишии гуногунро дастгирӣ мекунад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| e) Биноҳои муассисаи таълимӣ ва фазои таълимӣ ба таҷрибаи педагогии ман мувофиқанд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| f) Муассисаи таълимӣ барои самаранок истифода бурдани фазо/ҷойи таълимӣ вақти дарсро (ҷадвали дарсро) ташкил мекунад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| g) Ба ман вақт дода мешавад, то дар якҷоягӣ бо дигар омӯзгорон ба нақша гирам | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| h) Ба омӯзгорон вақт ва маслиҳат дода мешавад, ки чӣ гуна беҳтар истифода бурдани ҷойҳои таълимии муассисаи таълимиро ба нақша гиранд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

* Эзоҳ: Роҳбарияти муассисаи таълимӣ, ин директори муассиса, муовинони директор ва роҳбарони иттиҳодияи методӣ мебошанд.

**C14** **Ба фикри шумо биноҳо, иншоот ва таҷҳизот дар муассисаи таълимии шумо то чӣ андоза ба инҳо таъсир мерасонанд:**
(Лутфан дар ҳар як сатр як катакро қайд кунед)

| | Умуман не | Хеле кам | Ба андозае | Бисёр |
|---|---|---|---|---|
| a) Хоҳиши омӯзгорон барои дар ин муассисаи таълимӣ фаъолият карданро зиёд мекунад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| b) Ба ҷалби омӯзгорони навкор мусоидат мекунад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| c) Хоҳиши падару модарон барои ба ин муассисаи таълимӣ фиристодани фарзандонашон зиёд мегардад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

## ҚИСМИ 3: ТЕХНОЛОГИЯ ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

**C15** **Чанд ҳиссаи синфхонаҳо/ҷойҳои таълимӣ бо воситаҳои техникии зерин муҷаҳҳаз мебошанд (ё ба осонӣ дастрасанд)?**

| | |
|---|---|
| a) Экрани интерактивии AV (доскаи интерактивӣ ё экрани интерактивӣ) | _____% |
| b) Дастрасӣ ба Интернети бенокил | _____% |
| c) Интиқоли садо ва тасвир барои синфи хонандагон | _____% |
| (масалан, проектор ё телевизори калон бо аудио) | _____% |
| d) Ноутбукҳои таълимӣ (дар ин ҳуҷра нигоҳ дошта мешаванд) | _____% |
| e) Компютерҳои фардӣ | _____% |
| f) Планшет (масалан, iPad, Surfacebook) | _____% |
| g) Нуқтаҳои пуркунии барқ/зарядмонӣ (барои дастгоҳҳои мобилӣ) | _____% |
| h) Набудани дастрасӣ ба Интернет нест | _____% |
| ҲАМАГӢ | 100% |

**C16** **Оё хонандагон бояд дастгоҳҳои технологии худро (харида, ба иҷора гирифташуда ё дастгоҳи аз ҷониби муассисаи таълимӣ додашуда) ба муассиса биёранд?**
(Барои ҳар як соли хониш/синф, ки ин талабот ҷорӣ шудааст, қайд кунед)

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Синфи 7 | ☐ | Синфи 8 | ☐ | Синфи 9 | ☐ |
| Синфи 10 | ☐ | Синфи 11 | ☐ | | |

**C17** **Суръати дастрасии Интернет дар муассисаи таълимӣ чанд аст?**

| | |
|---|---|
| a) Суръати зеркашӣ | ___.___ Mb/s |
| b) Суръати боргирӣ | ___.___ Mb/s |
| c) Суръати пайвастшавӣ | ___.___ Mb/s |

## ҚИСМИ 4: ҚАНОАТМАНДИИ УМУМӢ

**C18** | **Умуман, то чӣ андоза шумо аз ҷойҳои назоратӣ/синфхонаи муассисаи таълимиатон қаноатмандед?**

| Қаноатманд нестам | | | | Қаноатмандам |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |

### Саволнома барои омӯзгорон

## ҚИСМИ 1: МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ШУМО

**C1** | **Лутфан номи муассисаи таълимии худро пешниҳод менамудед:**

**C2** | **Муассисаи таълимии шумо дар кадом кишвар ҷойгир аст:**

## ҚИСМИ 2: ДАР БОРАИ ШУМО

**C3*** | **Ҷинси Шумо?**

Зан ☐ Мард ☐

**C4** | **Шумо чандсола ҳастед?**

a) аз 25 сола хурд ☐
b) Аз 26 то 35 сола ☐
c) Аз 36 то 45 сола ☐
d) Аз 46 то 55 сола ☐
e) Аз 56 то 65 сола ☐
f) Аз 66 сола боло ☐

**C5** | **Собиқаи кории Шумо?**

a) Ҳамчун омӯзгор дар ин муассисаи таълимӣ кор кардаед ______ Сол
b) Собиқаи умумии омӯзгории шумо ______ Сол
c) Собиқаи корӣ дар дигар вазифаҳои соҳаи маориф (ба истисноӣ фаъолияти омӯзгорӣ) ______ Сол
d) Собиқаи корӣ дар дигар соҳаҳо ______ Сол

**C6** | **Айни замон шумо омӯзгори асосӣ, бо воҳиди пурраи корӣ фаъолият мебаред ё бо воҳиди нопурраи корӣ?**

a) воҳиди пурраи корӣ ☐
b) воҳиди нопурраи корӣ (баробар аст ба се рӯзи корӣ дар як ҳафта ё зиёдтар) ☐
c) воҳиди нопурраи корӣ (баробар аст ба камтар аз се рӯзи корӣ дар як ҳафта) ☐

**C7** | **Шумо соли хониши ҷорӣ кадом фанҳоро таълим медиҳед?**

(Агар шумо зиёда аз як фанро дарс диҳед, лутфан фанҳоро бо тартиби камшавӣ номбар аз фанне, ки барои таълими он вақти бештар сарф мекунед то ба он фанне, ки барои таълими он камтар вақт сарф мекунед)

a)
b)

**C8**** | **Шумо дар ин нимсола ба хонандагони кадом синфҳо дарс медиҳед?**
(лутфан ҳамаи вариантҳои мувофиқро қайд кунед)

Синфи 7 ☐
Синфи 8 ☐
Синфи 9 ☐
Синфи 10 ☐
Синфи 11 ☐

## ҚИСМИ 3: МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ РОҲБАРИЯТИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

**C9** **То чӣ андоза шумо бо изҳороти зерин дар бораи роҳбарият ва муҳити таълимии муассисаи таълимии худ розӣ ҳастед?**
(Лутфан дар ҳар як сатр як катакро қайд кунед)

| | Пурра розӣ | Розӣ | Норозӣ | Умуман норозӣ |
|---|---|---|---|---|
| a) Роҳбарияти муассисаи таълимӣ* ва омӯзгорон дар бораи таълим ва чӣ тавр беҳтар истифода бурдани фазои таълимӣ назари ягона доранд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| b) Роҳбарияти муассисаи таълимӣ* омӯзгоронро ташвиқ мекунанд, ки усулҳои гуногуни истифодабарии фазои таълимии дар шароити мо мавҷудбударо таҷриба кунанд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| c) Тарҳрезии фазои таълимӣ ҳамкорӣ бо дигар омӯзгоронро дастгирӣ мекунад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| d) Тарҳрезии фазои таълимӣ истифодаи таҷрибаҳои омӯзишии гуногунро дастгирӣ мекунад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| e) Биноҳои муассисаи таълимӣ ва фазои таълимӣ ба таҷрибаи педагогии ман мувофиқанд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| f) Муассисаи таълимӣ барои самаранок истифода бурдани фазо/ҷойи таълимӣ ва вақти дарсро (ҷадвали дарсро) ташкил мекунад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| g) Ба ман вақти лозим дода мешавад, то бо дигар омӯзгорон якҷоя барои банақшагирии дарсҳо ва фаъолиятҳо кор кунам. | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| h) Ба омӯзгорон вақт ва маслиҳат дода мешавад, ки чӣ гуна беҳтар истифода бурдани ҷойҳои таълимии муассисаро ба нақша гиранд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

* Эзоҳ: Роҳбарияти муассисаи таълимӣ, ин директори муассиса, муовинони директор ва роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ мебошанд.

**C10** **Ба фикри шумо, биноҳо ва иншооти муассисаи таълимии шумо то чӣ андоза ба инҳо таъсир мерасонанд:**
(Лутфан дар ҳар як сатр як катакро қайд кунед)

| | Умуман не | Хеле кам | Ба андозае | Бисёр |
|---|---|---|---|---|
| a) Оё онҳо хоҳиши шуморо барои идома додан ва фаъолият кардан дар ин муассисаи таълимӣ зиёд мекунад | ☐1 | ☐2 | ☐3 | ☐4 |
| b) Оё онҳо хоҳиши дар ин муассисаи таълимӣ фаъолият кардани дигар омӯзгоронро зиёд мекунад | ☐1 | ☐2 | ☐3 | ☐4 |
| c) Ба ҷалби омӯзгорони нав мусоидат мекунад | ☐1 | ☐2 | ☐3 | ☐4 |
| d) Диққати падару модаронро ҷалб мекунад, ки фарзандони худро дар ин муассисаи таълим ба таҳсил фаро гиранд | ☐1 | ☐2 | ☐3 | ☐4 |

## ҚИСМИ 4: ҶОЙ/ФАЗОЕ, КИ ШУМО ИСТИФОДА МЕБАРЕД

**C11** **Синфҳои таълимӣ дар муассисаи таълимии шумо чӣ гуна истифода мешаванд?**
(Лутфан то ҳадди имкон бештар катакҳоро, ки барои муассисаи таълимии шумо мувофиқанд, қайд кунед)

a) Ман як синфхонаи таълимиро барои ҳама фанҳо истифода мебарам ☐

b) Ман як синхонаи таълимиро барои як фанн ҳадди аққал як чоряк истифода мебарам (масалан, ҳуҷраи A барои забони англисӣ, ҳуҷраи C барои таърих) ☐
c) Ман аз бисёр синфхонаҳои таълимӣ вобаста аз рӯи тақсимот истифода мебарам ☐
d) Хонандагон бештар дар як гурӯҳ ва дар як синфхонаи таълимӣ таҳсил мекунанд. ☐

**C12** **Дар давоми як дарс одатан чанд омӯзгор (аз ҷумла, шумо) дар синфхона/фазои таълимӣ мавҷуданд?**

1 ☐ 2 ☐ 3 ☐ 4 ё зиёда ☐

**C13** **Шумораи умумии хонандагон дар синф?**

Шумораи хонандагон: ____________

**C14** **Кадоме аз ҷойҳои зерин дар муассисаи таълимии шумо мавҷуд аст?**
(Лутфан, ҳамаи вариантҳои мувофиқро қайд кунед)

a) Синфхонаи анъанавӣ, ки ба ҷойи истироҳатӣ дастрасӣ надорад ☐
b) Синфхонаи анъанавӣ бо дастрасии мустақим ба ҷойи истироҳатӣ, масалан барои кори муштараки гурӯҳӣ, кори лоиҳавӣ ё кори инфиродӣ ☐
c) Гӯшаи омӯзишии муштарак (2 ё зиёда омӯзгор) бо омӯзгорон ва хонандагон, ки дар ҷойҳои гуногуни омӯзишӣ якҷоя кор мекунанд, масалан, барои кори муштараки гурӯҳӣ, кори лоиҳавӣ ё кори инфиродӣ ☐
d) Ҷой дар долон берун аз синф ☐
e) Китобхона ☐
f) Толор / аудитория ☐
g) Ошхона ☐
h) Лабораторияи таълимӣ ☐
i) Устохона/студия барои санъати тасвирӣ, мусиқӣ ё тарроҳӣ ☐
j) Ҷой барои технологияи ошхона / хӯрокворӣ ☐
k) Устохона барои технология (тахтаву чӯб, металл, пластик, робототехника) ☐
l) Толори варзишӣ ☐
m) Агар дар муассисаи таълимии шумо ҷойҳои дигар бошад, лутфан дар ин ҷо қайд кунед:

